Маводи мазкур дар сомонаи www.aist.tj таври ройгон дастрас аст.

# РОҲНАМОИ АМАЛӢ ОИД БА РАСОНИДАНИ КӮМАК ДАР ТАШКИЛИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ



**Душанбе - 2010**

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

Роҳнамои мазкур ҳамчун маводи ёрирасон барои мушовирон - машваратчиёни соҳаи кишоварзӣ ва дигар шахсоне, ки дар мусоидат намудан ба ташаккулёбии раванди муттаҳидшавии хоҷагиҳои фермерӣ манфиатдор мебошанд, таҳия гардидааст.

Роҳнамои мазкур аз ҷониби Ассосиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерии) Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо намояндагии *Hilfswerk Austria International* дар Тоҷикистон ва лоиҳаи аз тарафи **Иттиҳоди Аврупо** маблағгузоришавандаи «Мусоидат ба ташкили хадамоти машваратии миллӣ дар соҳаи кишоварзӣ» (SENAS) омода гардидааст. Роҳнамои мазкур дар ҳамкорӣ бо Матлуба Улҷабоева, Гулшан Ашурбекова ва Умед Асланов мураттаб шудааст. Муҳаррири роҳнаморо Линардс Деидулис анҷом додааст.

Роҳнамои мазкур бо дастгирии молиявии созмони **Иттиҳоди Аврупо** дар доираи барномаи «Центральная Азия - Инвест» таҳия ва нашр гардидааст. Афкори нашрияи мазкур ифодагари ҳатмии сиёсат ва мавқеи созмони **Иттиҳоди Аврупо** намебошад.

## ЧАНД СУХАНИ СИПОСУ МИННАТДОРӢ

Ассосиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерии) Тоҷикистон, намояндагии *Hilfswerk Austria International* ва барномаи Иттиҳоди Аврупо «Мусоидат ба ташкили хадамоти машваратии миллӣ дар соҳаи кишоварзӣ» (SENAS) ба ҳамаи он ташкилотҳое, ки дар омода кардани маводи мазкур иштироки фаъолона доштанд, изҳори миннатдорӣ менамояд: **ММК/АТАС, АНТИ, ТҶ «АРБИТРАЖ», КИС, ТҶ «Файзбахш», NASMBT, ТҶ «Меҳрангез», ТҶ «Ғамхорӣ», ACTED, OXFAM GB, MSDSP, CESVI.**

Миннатдории алоҳидаи мо ба рассом **Антра Ивдра**, узви *Association Internationale des Arts Plastiques*, барои эҳдои ройгони нигораҳо ба нашрияи мазкур иброз мегардад. Дар муқова як қисми нигораи А. Ивдра «Манзараи водии Ҳисор аз болои Қалъаи Ҳисор»

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# Мундариҷа

**Мундариҷа** 4

**МУҚАДДИМА** 5

**1. ТАМОЮЛҲОИ ТАРАҚҚИЁТИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР** 7

**2. ТАВСИФОТ ВА НАВЪҲОИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ** 8

**3. МАНФИАТ АЗ ИШТИРОК ДАР ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ** 14

**4. МУШКИЛОТИ ЭҲТИМОЛӢ ДАР ТАШКИЛ ВА ИНКИШОФИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ** 18

**5. УСУЛҲОИ АСОСӢ ВА ТАРТИБИ КОРИ МУШОВИРОН БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ** 21

**6. ҚАДАМҲОИ АСОСӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ** 25

**7. БАРҚАРОРКУНӢ ВА Ё ТАКМИЛДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРИИ МАВҶУДБУДА** 37

**8. ИДОРАКУНИИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ ВА ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ҚАРОРҲО. Намунамисоли кооперативи истеҳсолӣ.** 40

**9. БАҲОДИҲИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯ** 46

**10. МАЪЛУМОТИ ИЛОВАГӢ БАРОИ МУШОВИРОН** 47

**13. МИСОЛҲОИ МУСБАТИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН** 59

**ХУЛОСА** 62

**РУИХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** 76

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# МУҚАДДИМА

Дар фаъолияти як қатор барномаҳое, ки ба рушди деҳот ва сектори кишоварзии кишвар нигаронида шудаанду аз тарафи маблағгузорони хориҷӣ дастгирӣ мегарданд ва дар кори онҳо ташкилотҳои ғайриҳукуматии ҳам маҳаллӣ ва ҳам хориҷӣ фаъолона иштирок менамоянд, ба паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот аҳамияти махсус дода мешавад.

Ташкилотҳои маҳаллӣ ва хориҷии ғайриҳукуматӣ тадриҷан аз усулу равияҳои соддаи корие, ки бевосита ба беҳтар кардани вазъияти бехатарии хӯрокворӣ дар деҳот равонашуда ба методҳо ва равияҳои маҳсулноктари ҷалби аҳолии деҳот, сохторҳои худидоракунии маҳаллӣ ва дигар ташкилотҳои деҳот ба фаъолияти муқарраркунӣ ва афзалиятгузории мушкилоту масъалаҳо ва инчунин иштироки фаъолона дар ҳаллу фасли онҳо гузашта истодаанд.

Мақсад ва ҳадафҳои асосии ин роҳу усулҳо дар мадди аввал, аз ҷалби фаъолонаи аҳолии деҳотро дар бар мегирад. Мақсади худи ҳамин усул ва равия онро дар назар дорад, ки танҳо худи аҳолии деҳот бевосита дар фаъолияти рушду тараққиёти деҳот бояд иштирок намояд. Яке аз самтҳои ин фаъолият мусоидати ҳамаҷониба ба рушди раванди муттаҳидкунии фермерон, пурзӯр кардани кооператсияи кишоварзӣ дар деҳот мебошад.

Роҳнамо барои намояндагони хадамоти машваратӣ дар сектори кишоварзӣ, мушовирони Ташкилотҳои ғайридавлатии ҷамъиятии маҳаллӣ ва хориҷӣ, ки бевосита бо фермерон кор мекунанд, пешбинӣ гардидааст. Ҳадаф ва мақсади роҳнамо иборат аст, аз пешниҳод намудани тавсияҳои методӣ ба ин шахсон ҳангоми кӯмакрасонӣ ва ё хизматрасониҳо бобати ташкил кардани иттиҳодияҳои фермерии шаклҳои гуногун мебошад.

Ташкили иттиҳодияҳо ва беҳтару устувор кардани инкишофи онҳо кори хеле мушкил ва мураккаб ба шумор меравад. Мушовироне, ки ба раванди ташкили чунин иттиҳодияҳо ҷалб мегардаанд, сараввал бояд пурраву ҳаматарафа марҳалаҳо ва қадамҳои асосии раванди ташаккулёбии иттиҳодияҳоро худашон дарк ва ҳазм намоянд.



Роҳнамо шаклҳои асосии иттиҳодияҳои фермерӣ, хусусиятҳои ташкили иттиҳодия, манфиат ва афзалиятҳоро аз ташкили иттиҳодияҳо шарҳ медиҳад. Дар он қадамҳои пай дар паи давраҳои ташкили иттиҳодия тавсиф ёфтаанд, ки онҳоро бояд мушовирон дар раванди фаъолияташон оид ба ташкили иттиҳодияҳо дар мадди назар дошта бошанд.

Ба кӯмаки мушовирон, инчунин барои дигар шахсоне, ки ба раванди ташкили

иттиҳодияҳои фермерӣ ҷалб шудаанд, маълумоти мухтасар оид ба омода намудани бизнес-планҳои кооперативҳои соҳибкорӣ, тартиби бақайдгирии давлатӣ ва андозбандии кооперативҳо пешниҳод мегардад.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# 1. ТАМОЮЛҲОИ ТАРАҚҚИЁТИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Қисми асосии маҳсулоти кишоварзии кишварҳои мутараққии пешрафтаро кооперативҳо истеҳсол менамоянд.**

**Давлат бояд бо роҳҳои гуногун ба рушду инкишофи кооперативҳо мусоидат намояд, ки он дар маъмӯъ сабаби боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ гардида, барои корхонаҳои коркардкунандаи мамлакат захираи ашёи хомро фароҳам меоварад.**

Яке аз намудҳои асосии иттиҳодияҳои фермерӣ ин кооперативҳои кишоварзӣ мебошанд, ки дар таҳияву амалӣ намудани сиёсати аграрии кишвар нақши бузург ва ҳалкунандаро иҷро менамоянд. Кооператсия дар аксари кишварҳои ҷаҳон шакли афзалиятнок ва машҳуртарини иттиҳодияҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии деҳот гардидааст, ки қариб тамоми низоми хизматрасонии агросервисӣ, коркард ва татбиқи маҳсулоти кишоварзӣ моли хусусии истеҳсолкунандагони маҳсулот буда, аз ҷониби онҳо ба воситаи кооператсия идора карда мешавад. Истеҳсолкунандагони аграрие, ки бо муносибот ва муомилоти кооперативӣ бо коркардкунандагон ва корхонаҳои коркардкунанда робита пайдо накардаанд, наметавонанд маҳсулоти худро самаранок ба фурӯш баророанд ва маҷбур мешаванд, ки миёнаравҳои гуногунро таъмин созанд.

Истеҳсолоти калон дар баробари истеҳсолкунандагони хурд дорои имтиёзоти бечунучаро мебошад. Маҳз ҳамин хоҷагиҳои калон имконият доранд, ки технологияҳои муосирро босамар истифода намоянд. Ҳоло бештар аз садсол аст, ки раванди доимии бузургсозии хоҷагиҳо рафта истодааст. Бояд зикр намуд, ки аммо ин на ҳамавақт сабаби ташкилшавии хоҷагиҳои калони хусусӣ мегардад. Асосан фермерҳо ҳалли мушкилотро дар ташкили кооперативҳо пайдо менамоянд. Имрӯз наздики 80% фермерони кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, Канада ва Австралия, 70% мамлакатҳои ИМА, Голландия ва Исландия, тақрибан 100% фермерҳои давлати Япония ва кишварҳои Аврупои Шимолӣ ба кооперативҳо муттаҳид шудаанд.

Кооператсия дар кишварҳои Олмон, Франсия, Британияи Кабир, ИМА, Дания рушду инкишофи васеъу густурда пайдо намудааст. Дар ин ҷо кооперативҳои кишоварзӣ дар таъмини фермерҳо бо техника, хӯроки чорво, тухмӣ нақши асосӣ ва арзанда доранд. Ба воситаи кооперативҳо то андозаи 98% тамоми маҳсулоти ширӣ, 80% гандум, 75% тухми мурғ фурӯхта мешавад.

Дар кишварҳои мутараққӣ вазифаи давлат нисбатан маҳдуд ва нигаронида шудаанд, асосан ба таҳияи сиёсати рушду инкишофи кооперативҳо, қонунгузории фаъолияти кооперативҳо, мутобиқат ва такомули он дар алоқамандӣ бо равандҳои навин мебошад. Масалан, дар Парлумони Аврупо ва ҳукуматҳои кишварҳои гуногун кумитаҳои дастгирии

кооператсия мавҷуд буда, дар парлумотҳои миллӣ бошад, кооператсия вакилони худро дорад. Давлат сиёсати ҳавасмандсозӣ ва такмилдиҳандаи рушди кооперативҳоро пеш мебарад. Кооперативҳои фермерон соҳиби имтиёзҳои андозбандӣ буда, молики субсидияҳо, ҳуқуқи монополии содироти баъзе маҳсулоти хӯрокворӣ мебошанд Барои такон додани истеҳсолоти навъҳои алоҳидаи маҳсулот давлат метавонад ба кооперативҳо напардохтани андозро иҷозат диҳад, дигар субсидияҳои иловагиро нисбати нархҳои харидории маҳсулот ҷорӣ намояд. Дар кишвари Канада фермероне, ки то андозаи аз 100 000 - 250 000 доллари ИМА даромад доранд, дар ҳаҷми 1-2,5 ҳазор доллари ИМА андоз мепардозанд, ки он ҳамагӣ 1% аз фоидаро ташкил медиҳад. Дар баъзе кишварҳо кооперативҳое, ки маҳсулоти экологӣ истеҳсол мекунанд, умуман аз андоз дар давоми якчанд сол озод карда мешаванд. Кооперативҳо дар кишвари Дания аз андозбандии имтиёзнок барои тамоми намудҳои даромад истифода менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили кооперативҳо, оҳиста-оҳиста бошад ҳам, рӯ ба афзоиш доранд ва ҳамчун дар тамоми ҷаҳон, ин ҷо ҳам нақши фаъолияти кооперативӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ хеле бузургу аҳамиятноку муҳим мегардад. Имрӯзҳо фаъолияти кооперативӣ қисми муҳими зерсохтори деҳотро ташкил менамояд, ки он дар рушду нумӯи комплекси агросаноатӣ иштироки фаъолона дорад.

# 2. ТАВСИФОТ ВА НАВЪҲОИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ

Иттиҳодияҳои фермерӣ дар Тоҷикистон бо намудҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ ташкил карда мешаванд. Вобаста аз мақсади ташаккулёбӣ онҳо метавонанд дар шакли ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ташкил карда шаванд.

Ба шакли шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ метавонад чунин иттиҳодияи хоҷагиҳои фермерие ташкил карда шаванд, ки ба монанди **кооперативи истеҳсолӣ.**

Ба шакли шахси ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ ташкил карда мешаванд:

- Кооперативи истеъмолӣ.
- Ассосиатсияҳо ва иттифоқҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).

Ба ғайр аз шаклҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дар ҷумҳурӣ чунин шаклҳои ғайрирасмӣ ба монанди гурӯҳҳои манфиати умум, гурӯҳҳои худкӯмакрасон ташкил карда мешаванд.

Ба таври мухтасар ҳар яке аз ин намудҳои фаъолиятро баррасӣ менамоем.

### Гурӯҳҳои худкӯмакрасон /гурӯҳҳои манфиати умум

Имрӯз шаклҳои гуногуни ғайрирасмие, ки бо кооперативҳо нишонаю аломатҳои монандӣ доранду умуман онҳоро метавон ба кооперативҳои худ ба худ зоҳиршудаи ғайрирасмӣ мансуб донист, ба таври хеле зиёд пайдо шуда истодаанд. Онҳо дар дохили истеҳсолкунандагони кишоварзии хамаи намудҳои амвол, инчунин дар байни хоҷагиҳои фермерӣ ба шакли кӯмаки хешовандӣ ва ё ҳамсоягӣ ба вуҷуд меоянд.

Гурӯҳи худкӯмакрасон (гурӯҳи манфиати умум) миқдори муайяни истеҳсолкунандагони хурди маҳсулоти кишоварзиро бо мақсади расонидани кӯмаки байниҳамдигарӣ ҷиҳати афзудани даромади ҳар як узви он ташкил ва муттаҳид менамояд. Фаъолияти якҷояи ин хоҷагиҳо ё дар асоси иттиҳоди фардии воситаҳои моддӣ-техникӣ (асосан техникӣ) ва ё дар асоси ташкили хизматрасониҳои ба ҳам манфиатдори коркарди замин, истифодаи техника, захираҳои мехнатӣ, истехсол ва фурӯши маҳсулот ва дигар намудҳои фаъолият тартиб дода мешаванд.

Барои расидан ба ин ҳадафу мақсадҳо иштирокчиёни он захираҳои дохилиро истифода менамоянд (таҷриба, воситаҳои моддӣ ва молӣ), инчунин кӯмаку дастгирии Ташкилотҳои ғайридавлатии ҷамъиятии дохиливу берунӣ истифода менамоянд, ки онҳо асосан таълиму омӯзишро амалӣ менамоянд, дастгирии машваратӣ мерасолнанд ва дастрасӣ ба қарзҳои хурдро (микрокредит) таъмин менамоянд.

Аммо бояд таъкид намуд, ки ин гуна гурӯҳҳои ғайрирасмӣ мақоми ҳуқуқӣ надоранд, зеро онҳо дар мақомоти давлатӣ ба қайд гирифта намешаванд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## Кооперативҳо

**Мақсади асосии фаъолияти кооператив – хизматрасонӣ барои манфиатҳои иқтисодии аъзоёни худ ва ноил шудан ба фоидаҳои муайян барои онҳо мебошад.**

Мафҳуми кооператсияи кишоварзӣ низоми кооперативҳои гуногуни кишоварзӣ ва иттиҳодҳои онро дар назар дорад, ки онҳоро молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо мақсади қонеъ кардани талаботҳои иқтисодии худ ва ғайри он ташкил намудаанд.

Кооператив яке аз шаклҳои иттиҳоди ихтиёрии истеҳсолкунандагон ҷиҳати расидан ба мақсаду ҳадафҳои умумии хоҷагӣ мебошад. Нишонаҳои хос (усулҳои) шаклҳои кооперативии фаъолият ба таври зайл мебошанд, аз ҷумла:

- узвияти ихтиёрӣ, (дар заминаи манфиатҳои иқтисодӣ, дарки зарурату манфиатнокии иттиҳод аз ҷониби субъектҳо);
- худидоракунӣ, (мустақилияти иқтисодӣ ва маъмурӣ, ки ба манфиати саҳмдорон, аъзоёни худ фаъолияти таваккалиро дар назар дорад);
- баробарҳуқуқии аъзоёни кооператив (байни ҳамдигар аз рӯи усули "як аъзо – як овоз");
- зери назорат будани мақомоти интихобшудаи кооператив аз тарафи аъзоёнаш (ва ташаккулдиҳии низоми ташкилии кооператсия бо усули "аз поён ба боло");
- иттиҳоди аъзоёни кооператив дар асоси ихтиёрии захираҳои моливу моддӣ, (ки барои фаъолияти муштараки корхона бо роҳи иштирок дар ташаккулдиҳии сармояи саҳмиявӣ, ташкили фондҳои умумӣ, ҷавобгарии моддӣ муҳим мебошанд);
- иштироки бевоситаи аъзоёни кооператив дар амалиётҳо, (тақсимбандии даромади ба даст овардашудаи мутаносибан ба саҳми иштирок, аммо на ба андозаи сармояи саҳмиявӣ).

Кооперативҳои кишоварзӣ метавонанд ***истеҳсолӣ*** ва ё ***истеъмолӣ*** бошанд.

Намудҳои кооперативро аъзоёни кооператив вобаста аз мақсаду маромҳои дар пеш гузоштаашон интихоб менамоянд.

## Кооперативи истеҳсолӣ

**Кооперативи истеҳсолӣ ташкилоти тиҷоратӣ мебошад.**

Кооперативи истеҳсолӣ – ташкилотест, ки аз ҷониби молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар асоси узвияти ихтиёрӣ барои фаъолияти муштараки истеҳсолӣ ва ё дигар намуди хоҷагидорӣ бинобар иштироки шахсии меҳнатӣ ва ё дигар намуди иштирок ва муттаҳид кардани ҳаққи узвияти молӣ барои қонеъ кардани талаботи моддӣ ва ё ғайри

БАХРИ ДЕХОТИ ДОРО
www.aist.tj

они иштирокчиёнаш ташкил карда шудааст.

Миқдори аъзоёни кооперативи истеҳсолӣ **наметавонад камтар аз панҷ нафар бошад.**

Аъзоёни кооператив метавонанд дилхоҳ шахсони воқеии ба синни 16-сола расида, ки ҳаққи узвияти дар оинномa муқарраршударо пардохтаанд, бошанд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## Кооперативи истеъмолӣ

Кооперативи истеъмолӣ гуфта, иттиҳодияи ихтиёрии шаҳрвандонро дар асоси узвият ва бинобар қонеъ кардани талаботи моддӣ (молии) иштирокчиёнашон, ки бо роҳи муттаҳид кардани ҳаққи узвияти амволӣ (саҳмиявӣ) ба вуҷуд меояд, меноманд.

Вобаста аз намудҳои фаъолият кооперативҳои истеъмолӣ ба навъҳои коркардкунанда, фурӯшанда (савдо), хизматрасон, молрасон, қарзӣ, суғуртавӣ, чорводорӣ ва ғайра тақсимбандӣ мешаванд.

Дар амалия бошад ташкил шудани кооперативҳои бисёрвазифавие, ки онҳо чандин навъи фаъолият, масалан молрасонӣ ва фурӯш, хизматрасонӣ ва коркард, қарздиҳӣ ва амонатгузорӣ ва ё дигар навъҳои фаъолиятро муттаҳид менамоянд, ба мушоҳида мерасанд.

Мехостем ба он таваҷҷӯҳ намоед, ки гарчанде кооперативи истеъмолӣ ташкилоти тиҷоратӣ набошад ҳам, бо вуҷуди ин мувофиқи Кодекси граждании ҶТ ба кооперативҳои истеъмолӣ ҳуқуқи тақсимкунии даромад аз фаъолияти соҳибкориро дар байни аъзоёнашон дода шудааст. Аз ин рӯ, метавон ба чунин хулосае омад, ки қонунгузор ҳаракат дорад ба он мақоми миёнаравро-мобайниро дар баробари ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ муқаррар намояд.

## Нишонаҳои асосии фарқкунандаи кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ

| Кооперативи истеҳсолӣ | Кооперативи истеъмолӣ |
|---|---|
| **1. Ба ташкилоти тиҷоратӣ мансуб аст.** | **1. Ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад.** |
| 2. Аз ҷониби шаҳрвандон барои фаъолияти муштарак ташкил карда мешавад. | 2. Аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (шаҳрвандон ва (ва ё) шахсони воқеӣ) ташкил карда мешавад. |
| 3. Фаъолияти муштараки аъзоён дар иштироки шахсии меҳнатии онҳо асос ёфтааст. | 3. Аъзоён:<br>⌘ дар фаъолияти он иштироки меҳнатии шахсиашон ҳатмӣ нест;<br>⌘ **аз рӯи қарзҳои он ҷавобгар нест, ба ғайр** аз ҳудуди саҳми воридкардаашон ҳамчун ҳаққи узвияти иловагӣ. |
| 4. Миқдори узвияти он на камтар аз панҷ нафар бояд бошад. | 4. Қонунгузории ҶТ ин гуна талабот муқаррар нанамудааст. Дар назар дорад, ки он набояд камтар аз ду шаҳрванд ва ё шахси ҳуқуқӣ бошад. |
| 5. Бештар бо истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст. | 5. Барои расонидани хизматрасониҳои гуногун ташкил карда мешавад ва асосан бо таъминот, хизматрасонии истеҳсолӣ, коркард машғул аст, яъне зинаҳои гуногуни истеҳсолоти аграриро муттаҳид менамояд. |

| | |
|---|---|
| 6. Бо бозор комилан вобаста аст, бо рақибонаш ба монанди сохторҳои тиҷоратӣ дар мусобиқаи бозори таъминот, фурӯш ва такмили истеҳсолот қарор дорад. | 7. Бо бозор яктарафа вобаста аст, масалан, дар таъминот ва ё фурӯши маҳсулот, дар айни ҳол бо аъзоёни кооператив, ки дар айни ҳол соҳибони кооператив мебошанд, вобаста аст. |

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

### Ассоциатсия (иттифоқҳои) хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) метавонанд ба шакли ассоциатсия (иттифоқҳо). иттиҳодияҳо ташкил намоянд. Ассоциатсия (иттифоқҳо) ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд. Мақсади асосии онҳо – ҳифзи манфиатҳои умумии кооперативҳо ва иттифоқҳои онҳо ба шумор меравад.

Онҳо метавонанд чунин вазифаҳоро иҷро намоянд:

- ҳаракати кооперативиро дар назди мақомоти иҷроияи маҳал, қонунгузор ва судӣ, инчунин ташкилотҳои ҳамкор намояндагӣ намоянд;
- ба кооперативҳо иттилоот, кӯмак барои таълиму омӯзиш, хизматрасонии машваратӣ пешниҳод намояд;
- барои рушди ғояи кооператив ҳаракат карда ба аъзоёниашон даъвати дастгирии усулҳои кооперативиро менамояд.

Ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ танҳо дар ҳудуди мақсадҳои оинномавии ташкилот машғул шаванд. Он ҳуқуқи тақсимбандии фоидаеро, ки дар натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омадааст, дар байни аъзоёнаш надорад.

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе Ассоциатсияи деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил карда шудаанд, ки мақсади онҳо ба даст овардани фоида мебошад. Бояд зикр намуд, ки ташкили чунин ассоциатсияҳо заминаи ҳуқуқӣ надошта, танҳо аз надонистани қонун ва набудани таҷрибаи ташкили шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳо дар хоҷагиҳои кишоварзӣ дарак медиҳад.

## 3. МАНФИАТ АЗ ИШТИРОК ДАР ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӣ

Бояд таъкид намуд, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ пайваста бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешаванд, ки онҳоро дар танҳоӣ метавонанд танҳо хоҷагиҳои калон ҳаллу фасл намоянд.

Фермерҳо ҳамавақт бо чунин мушкилотҳо рӯ ба рӯ мешаванд, аз ҷумла:

- ба қадри кофӣ таъмин набудан бо маводи босифати тухмӣ, хӯроки чорво, маводи ғизоии зироаткорӣ;
- камбуди хизтмарасониҳои агрономӣ, ветеринарӣ ва зоотехникӣ;
- машваратҳо оид ба ҳисобдории муҳосибавӣ, аудит, ташкили босамари истеҳсолот;
- камбуди техникаи кишоварзӣ, таҷҳизот;
- шикастани мошину таҷҳизот ва зарурати тармими он;
- мушкилоти фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда (масалан- норасоии маълумот дар бораи конъюнктураи бозор, дар бораи ҳамкорони эҳтимолӣ, ғайриимкон будани

таъсиррасонӣ ба нарх бинобар миқдори кам будан миқдори маҳсулоти фурӯхташаванда);

- камбуди тавоноӣ барои нигоҳдорӣ, тайёрии пешазфурӯш, коркарди такрорӣ, коркард ва тақсимбандии маҳсулот, ки сабаби фурӯши он бо нархи паст мешавад.

**Чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, усули беҳтар ва судмандтари ҳаллу фасли ин мушкилот ташкил намудани иттиҳодияҳои фермерӣ ва пеш аз ҳама, кооперативҳо ба шумор меравад.**

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

Метавон чунин манфиатҳоро аз иштирок дар иттиҳодияҳои фермерӣ ба даст овард:

**паст кардани хароҷот ҳангоми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ**

таъмини аъзоёни иттиҳодияи фермерӣ (ИФ) бо захираҳои моддӣ-техникӣ, ки барои фаъолияти хоҷагии аъзоёни ИФ заруранд, имконият медиҳад, ки хароҷоти аъзоёни кооперативро барои харидории онҳо кам карда шавад ва онҳоро бо молҳои босифаттари арзон таъмин намояд. Ин кор дар сурате имконпазир мегардад, ки ИФ ба таври кафолатдодашуда ҳаҷми мавриди зарурати маҳсулотро бо нархҳои яклухт бевосита аз истеҳсолкунандагон ва ё воридкунандагони калон харидорӣ намуда ба аъзоёнашон бо камтарин хароҷот пешниҳод менамояд. Дар натиҷаи ин гуна фаъолият нархи воҳиди маҳсулоте, ки иттиҳодия барои аъзоёнаш харидорӣ намудааст, нисбат ба харидҳои алоҳидаи аз дасти миёнаравҳо ва ё воридкунандагон хеле паст ва арзонтар мебошад. Ин ҳолат дар навбати худ комилан хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро кам менамояд.

**Беҳтар кардани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ**

Ба хоҷагиҳои фермерӣ, хусусан соҳибкорони хурду миёна, бинобар камбуди маблағҳои молиявӣ, камтаҷрибагӣ дар гирифтани қарз, норасоии захираҳои иттилоотӣ қарзҳои бонкӣ дастрас нестанд. Бонкҳо бештар ба  иттиҳодияҳои фермерии соҳиби таъминоти кофии гарав, нисбат ба истеҳсолкунандагони хурд боварӣ зоҳир менамоянд.

**Паст кардани хароҷот барои фурӯши маҳсулот**

Чи  тавре ки қайд шуда буд, хоҷагиҳои хурди фермерӣ зуд- зуд бо мушкилоти норасоии маълумот оид ба бозор, ёфтани ҳамкорони имконнопазир ва бозори эҳтимолии фурӯш, камбуди вақт барои пайдо кардани бозори фурӯш, интиқоли маҳсулот мушкилӣ мекашанд.

Ба воситаи муттаҳидшавӣ истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ метавонанд ба маротиб вақти барои ҷустуҷӯи бозори фурӯш, хароҷоти воситаҳои молиявиро барои интиқол ва фурӯши маҳсулотро сарфа намоянд.

**Мустаҳкам кардани муносибатҳои ҳамкорӣ бо корхонаҳои коркардкунанда**

Корхонаҳои маҳаллии коркардкунанда харидорони анъанавии маҳсулоти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишварзӣ мебошанд. Корхонаҳои коркардкунанда аксар вақт камбуди ашёи хомро эҳсос менамоянд, аз ин рӯ онҳо ин норасоиро аз рӯи шартнома бо ИФ метавонанд  таъмини молрасонии устуворро ба роҳ монанд.

Корхонаҳои коркардкунанда асосан машғули раванди коркарди маҳсулоти меваю сабзавот мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо имконияти пайваста ҷустуҷӯ кардани миқдори зиёди истеҳсолкунандагони як навъи маҳсулоти кишоварзии барои коркард заруриро надоранд. Бинобар ин ИФ метавонанд ба коркардкунандагон воридоти ҳаҷми зарурии ашёи хомро бо шартҳои тарафайн манфиатнок пешниҳод намуда, барои онҳо имконияти сарфаи вақти пайдо кардани ашёи хом ва ҳамчунин хароҷотҳои молиявиро  муҳайё  созанд.

### Беҳтар кардани дастрасӣ ба иттилоот ва истифода аз хизматрасониҳои машваратӣ, паст кардани нархи дастрас кардани иттилоот

Яке аз заминаҳои рушди муваффақонаи ИФ иборат аз дастрасӣ ба бозори маълумоти илмӣ, маърифатӣ, машваратӣ ва иттилоот мебошад.

Барои гирифтани маълумоти ИФ инчунин шабакаи ҷаҳонӣ - Интернет истифода шуда ва ё аз хизматрасонии марказҳои дахлдори машваратӣ-иттилоотӣ истифода бурда мешавад. Аъзоёни ИФ инчунин метавонанд хизматрасониҳои машваратиро оид ба масъалаҳои гуногуни вобаста бо истеҳсолот, нигоҳдорӣ, фурӯши маҳсулот машварату аслихат пайдо намоянд. Истифода аз ин гуна машваратҳо ба аъзоёни ИФ имконият медиҳад, то фоиданокии хоҷагиҳои худро афзун намоянд. Тавассути муттаҳидшавӣ фермерон якҷоя метавонанд хароҷотҳоро аз истифодабарии хизматрасонии машваратии хадамоти машваратии кишоварзӣ, ҳуқуқшиносҳо, брокерҳои гумрукӣ ва дигар хизматрасониҳо тақсимбандӣ намоянд.

### Истифодаи якҷояи техника

ИФ метавонанд барои истифодабарии узви иттиҳодия техникаеро, ки наметавонад пурра дар як хоҷагӣ истифода карда шавад, пешниҳод кунад.

Бештари фермерон ҳатто техникаи камқудрати кишоварзӣ надоранд. Дар айни ҳол онҳо наметавонанд барои истифодаи шахсии худ баъзе намудҳои техникаро харанд. Дар сурате ки чунин техника метавонад аз тарафи якчанд фермерон дар ҳудуди иттиҳодия истифода бурда шавад.

Дар ин ҳолат фермерон метавонанд якҷоя мушкилоти иқтисодии вобаста бо механизатсияи хоҷагиҳои хурду миёнаро ҳал карда бо ин восита хароҷот барои техникаро ба ҳар як гектар ихтисор намоянд.

### Нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми истеҳсолшаванда

Аксари хоҷагиҳои фермерӣ бобати анбору ҷойҳои нигоҳдории маҳсулот, инчунин маҳали то коркард, коркард ва бастабандии маҳсулот танқисӣ мекашанд. Фоидаи зиёдеро метавон он гоҳе ба даст овард, ки агар маҳсулоти фурӯхташаванда пешакӣ коркард шуда бошад. Масалан, метавон на гандум, балки орд, на чорво, балки ашёи нимтайёри гӯштӣ ва ё маҳсулоти ҳасибӣ тайёр карда фурӯхта шавад ва х.к.

Дар иттиҳодия фермерон якҷоя метавонанд нигоҳдорӣ, навъгирӣ, коркарди аввалия, хушккунӣ, шӯстан, бастабандӣ ва ҷойгиркунии маҳсулотро ташкил ва анҷом диҳанд. Агар сохтори ин навъ корхона мувофиқи талабот ба роҳ монда шавад, пас дар оянда он метавонад ба кооперативи хизматрасон оид ба коркарди аввалияи маҳсулоти сабзавоту меваҳо мубаддал гардад.

# 4. МУШКИЛОТИ ЭҲТИМОЛӢ ДАР ТАШКИЛ ВА ИНКИШОФИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ

### Набудани сармояи аввалия ва заминаи кофии гаравӣ

Ҳаққи саҳмиявии аъзоёни кооператив сармояи аввалияи кооперативро ташкил намуда, барои пӯшонидани хароҷот оид ба ташкили фаъолияти он пешбинӣ шудааст. Фонди саҳмиявии (сармояи оинномавӣ) кооператив гарави қонеъ кардани манфиатҳои амволии қарздеҳони кооператив мебошад. Аз ин рӯ, ӯҳдадориҳои воридкунии ҳаққи узвияти саҳмиявӣ ӯҳдадории асосии аъзоёни кооператив ба ҳисоб меравад. Оинномаи кооператив бояд шарти муҳими ҷавобгарии узви кооперативро барои риоя накардани ин ӯҳдадорӣ пешбинӣ намояд.

Мутаассифона, бештари кооперативҳо дар раванди ташкилёбиашон ба ташаккулдиҳии фонди саҳмиявӣ аҳамияти сазовор намедиҳанд. Дар амал аксар вақт чунин вазъияте ба миён меояд, ки ягон аъзо намехоҳад саҳми худро ворид намояд. Дар ин сурат ин гуна корхонаҳо метавонанд умри дароз надошта бошад, зеро чунин фонди саҳмиявӣ асоси мавҷудияти ин гуна ташкилот - яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккулёбии амволи онҳо шавад. Бе воситаҳои зарурӣ барои фаъолият ҳеҷ як ташкилот кор карда наметавонад. Мавҷудияти имкониятҳои худии маблағгузорӣ заминаи асосии рақобатпазирии молиявии он ба шумор меравад.

Ба ғайр аз ин, саҳмияи кооператив заминаи гаравии кооператив мебошанд. Муассисаҳои қарздҳанда ва бонкҳо аз ҷониби худ хоҳиш надоранд, ки ба **иттиҳодияҳои фермерие** қарз диҳанд, ки дар онҳо асоси гаравии кифоя вуҷуд надорад.

### Назорати бади дохилӣ ва мавҷуд набудани иттилоот оид ба фаъолияти хоҷагидории иттиҳодияҳо

Бисёре аз иттиҳодияҳои фермерӣ ба низоми назорати дохилӣ, масалан, ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳо, шаффофияти молиявӣ ва дигар фаъолияти иттиҳодия аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Аъзоёни иттиҳодияҳо дар назорати фаъолияти иттиҳодияҳо иштирок намекунанд.

Набудани имконияти назорат кардани кори роҳбарони иттиҳодия (махсусан дар масъалаҳои вобаста бо фаъолияти молиявӣ) ба он мерасонад, ки нобоварӣ ва пошхурӣ ба вуҷуд ояд. Дар бештари мавридҳо худи аъзоён нисбат ба фаъолияти ҳамарӯзаи роҳбарони иттиҳодия таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир намекунанд.

### Донишҳои ғайриқаноатбахш оид ба маркетинг ва мушкилот дар фурӯши маҳсулот

Бояд гуфт, ки донишҳои амиқи бозор ва пештозӣ дар маркетинг яке аз асоситарин соҳаҳои фаъолият мебошад, ки бе онҳо иттиҳодия наметавонад барои ноил гардидан ба муваффақият имконият дошта бошанд. Аммо имрӯз иттиҳодияҳои фермерӣ вазифаҳои маркетингӣ - бозоршиносиро дар ҳаҷми зарурӣ иҷро намекунанд. Аксари муассисаҳо бо ҷустуҷӯи мустақили имкониятҳои нав, омӯзиши талаботи мизоҷон машғул нашуда,

робитаҳои мустаҳкамро бо воридкунандагон ва истеъмолкунандагон барқарор наменамоянд.

Мо бештар мешунавем, ки дастрасӣ ба бозорҳои регионалӣ ва марказӣ то андозае маҳдуд мебошад. Ҳарчанд агар бодиққат вазъиятро дар бозор дида бароем, пас метавонем зикр намоем, ки дар тамоми бозорҳои кишвар ҷой барои фурӯши маҳсулот пайдо кардан мумкин аст.

Мушкилот асосан дар хоҳиши худи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки намехоҳанд пайваста ҷойҳои нави бозори фурӯши маҳсулотро ҷӯстуҷӯ ва пайдо намоянд.

### Таъминоти ғайрикофии иттилоотӣ, машваратӣ, методӣ

Яке аз омилҳое, ки ба суръати рушди иттиҳодияҳои фермериро монеа эҷод мекунанд, таъминоти ғайрикофии иттилоотӣ ва методӣ мебошад, ки сабаби поён рафтани самаранокии идоракунии иттиҳодияҳо мегарданд. Ба иттиҳодияҳо иттилооти доимӣ оид ба воридкунандагони воситаҳои кишоварзӣ, оид ба бозори фурӯш, муассисаҳои микрокредитӣ, технологияҳои истеҳсолот, захираҳои моддӣ- техникӣ зарур мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба ин гуна маълумот аз сабаби мушкилиҳои зиёд хеле маҳдуд ба назар мерасад, аз ҷумлаи нарасидани захираҳо, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳ.к. Ташкили манбаъҳои махсуси маводи мавриди зарурат, нашр ва интишори адабиёти таълимӣ, маълумотӣ-иттилоотӣ ва методӣ, гузаронидани тадқиқоти дахлдори илмӣ унсури муҳими рушди иттиҳодияҳо мебошад. Аммо, мутаассифона, худи аъзоёни иттиҳодияҳо оид ба ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ва татбиқи сохтори муайян оид ба ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот ва татбиқи тадқиқоти худӣ чандон таваҷҷӯҳ надоранд.

БАХРИ ДЕХОТИ ДОРО
www.aist.tj

### Ташкили меҳнат ва тақсимбандии ӯҳдадориҳо

Ташкили меҳнат ва тақсимбандии ӯҳдадориҳо гарави фаъолияти муваффақонаи иттиҳодияҳои фермерӣ мебошанд. Интиқоли ваколатҳо ва масъулиятҳо байни аъзоён метавонад ба рушди муваффақонаи иттиҳодияҳо мусоидат намояд. Мутаассифона, дар амал мо ҳолати баръакси онро мебинем. Ваколатҳо тақсимбандӣ намешавад, қарор аз тарафи роҳбарон бе маслиҳат бо аъзоёни иттиҳодия қабул карда мешаванд, ҷавобгариро барои натиҷаҳои фаъолият бошад, касе ба дӯш намегирад, хеле кам дида мешавад, ки кормандони зинаи миёнае, ки дар ҳақиқат имконияти қабули қарорҳои масъулиятнокро доранд, ба дӯш гиранд. Ба ғайр аз ин, бештари фермерон дар иттиҳодияҳо мекӯшанд, ки мустақилона тамоми масъалаҳоро ҳаллу фасл намоянд ва намехоҳанд ваколатҳояшонро ба дигарон интиқол диҳанд.

Саҳмиядорон, ки зоҳиран соҳибони кооперативҳои истеъмолӣ ба ҳисоб мераванд, асосан нисбат ба фаъолияти ояндаи кооперативҳояшон бетафовут мебошанд, онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва идоракунии корҳои кооперативҳо аксаран иштирок наменамоянд.

Коргарони иттиҳодияҳо воқеан, дар фаъолияти бомуваффақияти ташкилоти истеъмолкунанда таваҷҷӯҳ доранд, имконияти муқаррар кардани тактика ва стратегияи рушди кооперативҳо, ташкили мақомоти идоракуниро истифода менамоянд. Дар ин ҳолатҳо фаъолияти кооперативҳо тобеъи манфиатҳои танҳо роҳбарони ҷамъият мебошанд, ки ин барои сӯиистифода, иштибоҳот дар идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ замина ба вуҷуд меоварад.

Ва ин ҳолат метавонад сабаби аз даст додани рақобатпазирӣ ва билохира далели пошхӯрии чунин ташкилотҳо шуда метавонад.

### Мавҷуд набудани мақсаду стратегияҳои муайян

Мавҷуд набудани малакаҳои иттиҳодия дар банақшагирии стратегӣ, набудани мақсади ташкилот ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо, роҳҳои аниқи арзёбии мақсад ва ё равандҳои муассиса метавонанд мушкилоти асосӣ шуда, ба пошхӯрии ҳар гуна иттиҳодия оварда расонанд. Иттиҳодияи комил бояд мақсадҳои стратегӣ, молиявӣ ва амалиётии равшан ва андозашаванда дошта бошад, ки муайянкунандаҳои арзёбии самаранокии менеджмент хоҳанд буд. Мавҷудияти равандҳои самаранок ва санҷидашудаи соҳибкорӣ (идоракунии лоиҳаҳо, фурӯш, маркетинг, банақшагирӣ, бюджетсозӣ, ҳавасмандкунии кормандон) асоси муваффақияти ҳар гуна фаъолият ба шумор мераванд.

Аммо, дар иттиҳодияҳо хеле зиёд мешавад, ки ба чунин соҳаҳои муҳиму зарурӣ ба монанди банақшагирии фаъолият, таҳияи нақшаи бизнес барои расидан ба ҳадафҳои муайян аҳамият дода намешавад. Дар сурате, ки тамоми фаъолияти иттиҳодия беназм ба роҳ монда шавад, он сабаби пошхӯрии иттиҳодия мегардад, узвият дар он аз ҷиҳати иқтисодӣ барои ҳар як фермер дар алоҳидагӣ беманфиат шуда мемонад.

### Дастгирии ғайрикофӣ аз тарафи иштирокчиён

Ҳар як ташкилот метавонад танҳо дар он сурат самаранок кор кунад, ки агар аъзоёни он манфиатҳои устуворӣ умумӣ дошта бошанд. Кооператсия бинобар он татбиқ мегардад, агар

шахс ва ё корхонае, ки истеҳсолоти мустақил дорад, барои ҳимояи манфиатҳои худ ва ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ амалҳои худро бо дигар молистеҳсолкунандагон муттаҳид намоянд. Маълум аст, ки амалиёти муштарак танҳо дар асоси манфиатҳои умумӣ, ки молистеҳсолкунандаи алоҳидаро ба дарки он мерасонад, ки ӯ бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баробарро бо молистеҳсолкунандагони соҳааш дошта бошад, ба вуҷуд меоянд. Сарчашмаҳои ташкили иттиҳодияи хоҷагиҳои фермерӣ иборат аз шартҳои ҳаёти иттиҳодия, мушкилоти ҳамгуни унсурҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ин унсурҳо, аз ҷумла ба  даст овардани афзалиятҳои иҷтимоӣ, имконияти нигоҳ доштани фаъолияти худ дар коллектив, имконияти ба даст овардани натиҷаи инфиродӣ аз фаъолияти ҳамҷоя, дар ташкили иттиҳодияҳои фермерӣ ҳавасманд менамоянд. Дар ҳоли мавҷуд набудани ин гуна манфиатҳо фермерон наметавонанд, ки ҳамчун як ташкилоти том амал кардаю қарорҳои муштарак қабул карда наметавонанд.

Агар аз аввал усул ва шакли иштироки аъзоён (хаққи саҳмия, ташкили сармоя, тақсими фоида, муносибат нисбат ба моликият, истифодабарии захираҳо, ҳаҷми ҷавобгарӣ ва салоҳият, иштирок дар идоракунӣ) баррасӣ нашавад, дар он сурат барои ташкили иттиҳодия низ зарурат боқӣ намемонад.

Барои кори бомуваффақияти **иттиҳодияҳо** аз аввал бояд дастгирии васеъ ва ҳамаҷониба дар байни аъзоёни имконпазире, ки ба ҳамдигар боварӣ дошта бошанд,  пайдо намоянд.

# 5. УСУЛҲОИ АСОСӢ ВА ТАРТИБИ КОРИ МУШОВИРОН БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ

Дар шароити имрӯзаи рушди хоҷагии кишоварзӣ, ки <u>сатҳи донишҳои аҳолии деҳот оид ба иттиҳодияҳо хеле ночиз аст,</u> малакаи худидоракунии хоҷагӣ рушд накардааст, дар деҳа рушди кадрҳое, ки тавонанд ба тараққиёти ИФ мусоидат намоянд, хеле кам ва ночиз аст. Бинобар ин, мусоидат барои расонидани хизматрасониҳои кишоварзӣ барои рушди иттиҳодияҳои фермерии кишвар яке аз асоситарин самтҳои кор дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Мушовирон метавонанд ба як қатор масъалаҳо мусоидат намоянд, аз ҷумла:

- Ташкили ИФ-ҳои нав дар маҳалҳои мавриди зарурат;
- Зиёд кардани шумораи аъзоён дар  иттиҳодияҳои вуҷуддошта;
- Расонидани кӯмак ба аъзоёни  ИФ барои боз ҳам бештар иштирок кардан дар раванди қабули қарор ва идора кардани фаъолиятҳои иттиҳодия;
- Расонидани кӯмак ба аъзоёни ИФ дар ташкили механизми хоҷагидорӣ, расонидани кӯмак дар идоракунии иттиҳодияҳо;
- Мусоидат дар паҳн кардани иттилооти бозорӣ.

Хизматрасонии машваратӣ метавонад аз тарафи хадамоти машваратӣ, мушовирони байналмилалӣ ва ташкилоти маҳаллӣ расонида шавад.

Мушовирон ҳангоми татбиқи ин кор бояд бо усулҳои асосӣ кор кунанд, ки онҳо гарави фаъолияти бобарорашон хоҳанд буд. Дар навбати аввал онҳо бояд ба назар гиранд, ки аслан иттиҳодияҳо бояд танҳо аз тарафи худи фермерон ташкил карда шаванд. Шарти асосии ташкили иттиҳодияҳо ташаббус ва манфиатдории худи фермерон ба шумор меравад. Бинобар ин кори мусоидат ба ташкили равандҳои ташкили иттиҳодияҳоро бояд танҳо ҳангоми мавҷудияти аъзоёни фаъолу ташаббускор имконпазир гардад, ки онҳо дар зарурати ташкили иттиҳодия боварӣ доштаю дар он манфиати худро мебинанд. Мушовир метавонад танҳо ба ин раванд мусоидат намояд ва ё ба аъзоёни иттиҳодияҳо ва расонандагони хизматрасониҳои гуногун қарор гиранд, аммо дар ҳеҷ ҳолат набояд барои шахсоне, ки узви имконпазири ин иттиҳодия хоҳанд буд, иттиҳодия ташкил намоянд.

Онҳо бояд ба фермерон дар муқарарар кардани мушкилот ва ё муайян кардани муҳимтарини он, ёфтани роҳи ҳаллу фасли онҳо кӯмак карда набояд ба фермерон ягон чизро бор кунанд-бояд бо онҳо машварат карда шавад, ки ин мушкилотҳо бартараф карда шаванд.

Мушовирон бояд ба вусъат ёфтани пешоҳангӣ, роҳбарӣ дар иттиҳодияҳо мусоидат карда корро тавре ташкил намояд, то худи роҳбарон билохира ба қабул кардани қарор, ташкили чорабиниҳову амалҳои алоҳида омода бошад.

Риояи қоидаи рафтори мушовирон ҳангоми татбиқи вохӯрӣ ва маҷлисҳо, хеле муҳим аст, зеро муваффақияти кор оид ба ташкили иттиҳодияҳо аз он хеле вобаста мешавад, ки мушовир худро дар ин вохӯриҳо чӣ гуна нигоҳ медорад.

Баъзе усулҳои асосӣ ва қоидаҳои татбиқи машваратҳоро ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои ташкилӣ (маҷлис ва вохӯриҳо) оид ба созмондиҳии иттиҳодияҳо баррасӣ менамоем:

1. **Нигоҳдории бетарафӣ.** Мушовир бояд:

- Бояд дар раванди қабули қарорҳо манфиати худро намоиш надиҳад.
- Набояд бо гурӯҳи шахсоне, ки дар натиҷаи қабули қарорҳо манфиат доранд, пайвастагие дошта бошад.
- Ба ягон андеша ва ё афкоре, ки дар вохӯриҳо иброз мегарданд, дилбастагӣ нишон надиҳад.

2. Ҳангоми вохӯриҳо **рафти онҳоро дар як самт нигоҳ дорад, аз ҷумла:**

- дар самти муайяни зарурӣ ва ҳудуди зарурии вақт боқӣ монад;
- қоидаҳоро эълон карда эътимод пайдо кунад, ки онҳо ба ҳамаи иштирокчиён фаҳмоанд;
- дар ҳудуди масъалаҳои дар рӯзнома буда сӯҳбат намоянд;
- андешаҳояшонро бо навбат иброз кунанд (на якҷоя бо ҳама);
- нутқ бояд равшан ва фаҳмо бошад;



БАХШИ ДЕҲОТИ ДОРО www.aist.tj

- агар сӯҳбат аз мавзӯи асосии баҳс дур шуда бошад, ба ин диққати иштирокчиёнро ҷалб карда мавзӯи асосиро ба хотир орад;
- боварӣ ҳосил намояд, ки ба иштирокчиён бо мавзӯъ, мубоҳисаи пешина ва қарори қабулшуда розианд, пас аз он ба мавзӯи дигар гузаранд.

3. **Техникаи фаъоли гӯшкуниро истифода намояд:**

- ҷамъбаст, бо ибораҳои дигар ифода кардан, фаҳмонидани андешаҳои иштирокчиён;
- дар байни андешаҳое, ки иштирокчиён ифода намудаанд, алоқамандӣ пайдо кунад;
- андешаҳои нотамомро қабул карда хоҳиш кунад, ки онҳоро ба охир расонанд;
- агар маҳдудиятҳои муваққатӣ қатъ кардани баромади иштирокчиро талаб намояд, дар ин бора огоҳ кунад ва хоҳиш кунад, то иштирокчӣ андешаашро гӯяд.

4. Баромадҳои **эмотсионалӣ ва рафторро қабул намояд:**

- Ба рӯҳияи умумӣ дар иттиҳодия ҷавоб диҳад.
- Агар рафтори иштирокчӣ духӯра, нофаҳмо бошад, аз ӯ шарҳ талаб намояд.
- Ба мушкилот ва манфиатҳои иштирокчиён аҳамият диҳад.
- Нисбат ба муҳокимарониҳои гуногуни масъалаҳои баррасишаванда ҳассос ва созишкор бошад.
- Мавзӯъҳои нуҳуфтаи мавриди муҳокимаро ба эътибор гирад.

5. Масъалаи муҳокимашавандаро **ба таври созанда** ифода намояд:

- Масъаларо ифода намояд, на балки ҳалли онро, бояд дар мавриди ҳалли он худи фермерон андеша кунанд;
- ба фермерон оид ба арзёбии имкониятҳои иттиҳодия бидуни кӯмаки берунӣ роҳ нишон диҳад;
- оид ба қабули қарор кӯмак кунад, масалан, дурустии қарори қабулшударо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ шарҳу эзоҳ диҳад, барои дуруст ифода кардани он кӯмак кунад ва ҳ.к.



6. Барои ҳаллу фаслии масъалаҳо **роҳу усулҳоро нишон диҳад**:

- Дар мураттабкунӣ ва ҷудо кардани масъалаҳои аввалиндараҷа кӯмак намояд.
- Қайд кунад, ки кай бояд ба дигар масъала гузашта шавад.
- Усулҳои гуногунро истифода намояд, аз ҷумла, ба гурӯҳҳои хурд ҷудо кардан, овоздиҳӣ барои мавзӯъҳо, кор дар гурӯҳҳои хурд ва қабули қарорҳои умумӣ.

7. **Хулосакунӣ ва ифодаи равшани мавзӯъҳои мавриди баҳс:**

- Барои муҳокима мавзӯъ, арзиш ва таҷрибаи умумиро пайдо кардан.
- Нуқтаи назари гуногунро қабул ва эҳтиром кардан.
- Бояд аз гурӯҳ самара бошад: пурсидани он, ки оё ба онҳо хулосаи баҳс маълум аст, оё бо он иштирокчиён розӣ ҳастанд.

8. **Ба кадом тарзи рафтор бояд майл намуд?**

- Бояд ба баромадҳо баҳо дода шавад.
- Ҳангоми зарурат ба мубоҳиса ҳамроҳ шавад.
- Муҳити «ошкорбаёнӣ" –ро таъмин намудан ("ростқавлона амал кардан»).
- Муносибатҳои созандаро байни аъзоёни иттиҳодия дастгирӣ намояд.
- Бо ҳамаи иштирокчиён якхела муомила намояд.
- Ба афкори дигар иштирокчиён эҳтиром зоҳир намояд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# 6. ҚАДАМҲОИ АСОСӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ

Дар раванди ташкили иттиҳодияҳои фермерӣ-деҳқонӣ чорабиниҳои омодагӣ ва фаъолияти ташкилии ин гуна иттиҳодияҳо аҳамияти зиёд дорад. Дар поёни кор қадамҳои оддӣ ва қадам ба қадами мушовирон ҳангоми дар ташкили иттиҳодияҳои фермерӣ кӯмак кардан оварда шудааст. Онҳо ба мушовирон ва дигар шахсони кӯмакрасон ва мусоидаткунанда имконият медиҳанд, ки давраҳои асосӣ ва усулҳои ташкили иттиҳодияҳо беҳтар фаҳмо шаванд.

### Қадами 1. Омӯзиши маҳалҳои деҳот, анъана ва раванди қабули қарорҳо.



Қадами аввал аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба маҳалли деҳот, ки дар он бояд иттиҳодияи фермерӣ ташкил карда шавад, иборат аст. Мушовир бояд оид ба сатҳи инкишофи истеҳсолоти кишоварзӣ дар деҳот, мушкилоти ташкил ва рушди иттиҳодияҳои фермерӣ, мушкилоти ҷамъоварӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди он, ниёзмандиҳои аҳолии маҳаллӣ нисбати ҳар гуна хизматрасониҳо ва ҳ.к. маълумот ҷамъоварӣ намояд.

Фаҳмидани раванди қабули қарорҳо дар деҳот ва равандҳои ташаккули афкори умум, инчунин ҷамъоварии маълумот оид ба сохтори расмӣ ва ғайрирасмии идоракунӣ дар деҳот хеле муҳим ва зарур аст.

Ҷамъоварии маълумотро мушовир метавонад бо роҳи дидани деҳот ва гуфтушунидҳо бо аҳолии маҳаллӣ татбиқ намояд. Гуфтушунидҳо бо роҳбарони ғайрирасмӣ ва ё сардорони деҳа, роҳбарони динӣ, муаллимони деҳот, духтурон, намояндагони кумитаҳои маҳаллӣ хеле муҳим ва ҳангоми ҷамъварии мавод муфид мебошад. Мушовир инчунин метавонад дар маҷлисҳои деҳот иштирок намояд. Ҳамаи ин метавонад дар фаҳмиши муносибот, сатҳи дониш, таҷриба ва малакаҳои аҳолии маҳаллиро дар истеҳсолоти кишоварзӣ кӯмак намояд.

Қадами аввал ҳатто ҳалкунанда буда, набояд бо саросемагӣ анҷом дода шавад. Шояд барои иҷрои ин қадам вақти зиёде лозим шавад.

## Қадами 2. Муайян кардани лидерони имконпазир



*Лидерони* имконпазирро метавон дар раванди ҷамъоварии маълумот ва ё гуфтушунидҳо бо аҳолии маҳаллӣ муайян кард. Шояд инчунин барои маълумот ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоатҳо) ва ё кумитаҳои маҳаллӣ муроҷиат карда шавад. Аммо мушовир бояд оид ба роҳбарони оянда, дар асоси таҳлили сохторҳои мавҷудаи идоракунӣ, фарҳанг ва анъанаҳои деҳа, имкониятҳои худи роҳбарон, қобилиятҳояшон барои татбиқи ин гуна фаъолият хулоса барорад ва муайян кунад, ки ба ин гуна мақсадҳо кадоме аз онҳо мувофиқ аст. Мушовир бояд дар назар дошта бошад, ки дар оянда ба роҳбарон бо намояндагони муассисаҳои маблағгузор, сохторҳои тиҷоратӣ, воридкунандагони ашёи хом ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва дигарон зуд- зуд вохӯрдаю гуфтушунид кардан лозим меояд. Беҳтар он аст, ки роҳбарон мақоми хуби ҷамъиятӣ дошта, байни ҳамдеҳагон обрӯву эътибор низ дошта бошанд. Ба меъёрҳои мазкур ҷавобгӯ будани роҳбари оянда низ хеле аҳамиятнок мебошад.

Роҳбари оянда бояд дар даъват кардани маҷлиси умумии деҳа, ки бояд баррасии масъалаи ташкили иттиҳодияро баррасӣ намояд, иштирок мекунад.

## Қадами 3. Расонидани кӯмак дар раванди даъвати маҷлиси умумии пешакии деҳа



Қадами муҳим ҳангоми ташкили иттиҳодияҳои фермерӣ иборат аз даъвати маҷлиси умумии пешакии деҳа мебошад. Ташкили чунин маҷлис метавонад аз тарафи роҳбарони имконпазири деҳа ва ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ анҷом дода шаванд. Мушовирон бояд ба онҳо дар ташкили маҷлис кӯмак намоянд. Дар ин маҷлис ба деҳқонон бояд зарурати ташкили иттиҳодияҳо фаҳмонда шуда, мақсадҳои ин гуна иттиҳодияҳо, афзалиятнокӣ ва манфиатҳои

ташкили ин гуна иттиҳодияҳо, нақши онҳо дар рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ фаҳмонда дода шавад.

Аз рӯи имкон иштироки тамоми хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), инчунин дигар истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар ин маҳал фаъолият доранд, иштирок намоянд, зеро ҷалби хоҷагиҳои хурду миёнаи фермерӣ ва дигар сохторҳои соҳибкорӣ ба чунин иттиҳодияҳо метавонанд асоси рушди минбаъдаи муваффақонаи иттиҳодияҳо гардад.

Ба маҷлис беҳтар аст аъзоён ва ё роҳбарони **иттиҳодияҳои фермерии пешқадам** аз деҳаҳои ҳамсоя низ даъват карда шаванд ва ба онҳо имконияти баромад кардан дода шавад. Фермерон бештар ба боварӣ ба ҳамдигар моил мебошанд.

Пеш аз баргузор кардани маҷлис хуб аст пешакӣ маводи омодашударо дар бораи мақсади муттаҳидшавии оянда ва баррасии устувории тиҷоратӣ ҳамчунин натиҷаи онҳо нашр ва тақсим карда шаванд.

Умуман татбиқи ин гуна маҷлис дастёбӣ ба мувофиқаи умумӣ дар масъалаҳои ташкилии иттиҳодияҳо мебошад. Дар маҷлиси пешакӣ бояд масъалаи ташкили гурӯҳи ташаббускор баррасӣ карда шавад.

Шарти асосии он сабти пайнавишт оид ба ниятҳои аъзоёни имконпазир оид ба ташкили иттиҳодия мебошад. Тамоми масъалаҳо, идеяҳо, мавзӯъҳои мубоҳиса ва созишномаҳо бояд дар пайнавишт сабт карда шаванд.



## Қадами 4. Ташкили гурӯҳи ташаббускор оид ба таъсиси иттиҳодия

Гуфтугӯҳои пешакӣ ва ҷамъоварии маводи қаблӣ ба мушовир имконият медиҳад, то шахсоне, ки барои ташкили иттиҳодия таваҷҷӯҳ ва хоҳиш доранд, пайдо карда шаванд. Аз ҷумлаи шахсони манфиатдор бояд гурӯҳи ташаббускор ташкил карда шавад. Интихоби аъзоёни гурӯҳи ташаббускор, ки ба худ нақши ташкилдиҳии **иттиҳодияҳоро мегирад**, бояд танҳо дар маҷлисҳои умумии деҳа ба амалояд. Гурӯҳи ташаббускор бояд шумораи кофии иштирокчиёнро дошта бошад, дар ҳолати ғайр ба он имконияти ҷалб кардани шумораи зарурии аъзоён дар раванди ташкили иттиҳодия даст намедиҳад. Ҳамин тавр, масалан, агар дар нақша ба кооператив ҷалб кардани 50 аъзо бошад, гурӯҳи ташаббускор бояд аз 8-15 нафар ташкил карда шавад, ки онҳо бояд иштирокчиёни дигарро ҷалб карда тавонанд. Иштирокчиёни гурӯҳи ташаббускор бояд сатҳи зарурии таваҷҷӯҳ ва ҳавасмандиро дошта бошанд.

Раванди интихоботи аъзоёни гурӯҳи ташаббускор хеле муҳим буда, дар фаъолияти ояндаи иттиҳодияҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нақши созандае иҷро менамояд. Бинобар ин, ҳатто агар ин кор вақти зиёдеро талаб намояд ҳам, бояд арзёбии нозуки ҳамаи номзадони пешбаришуда ва дар маҷлиси деҳа интихобшуда гузаронида шавад.

Аъзоёни гурӯҳи ташаббускор бояд дар бораи истеҳсолоти кишоварзӣ таҷрибаи кофӣ дошта бошанд ва масъалаҳои дар наздашон гузошташударо хуб фаҳманд ва ҳал карда тавонанд. Онҳо бояд сокинони обрӯманди деҳа бошанд ва дар байни ҳамдеҳагон соҳиби обрӯву эътибор хосе бошанд.

Гурӯҳи ташаббускор дар рафти татбиқи маҷлиси пешакӣ метавонад кумитаи тадорукот ташкил намояд, ки он қадамҳои ояндаро дар ташкили иттиҳодия, ки дар поён шарҳ ёфтааст, анҷом медиҳанд ва ё иҷрои онҳоро ба шахсони алоҳида месупоранд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## Қадами 5. Баҳодиҳии самаранокии иқтисодии созмондиҳии иттиҳодия



Мақсади асосии қадами мазкур иборат аз асосноккунии ояндабинии ташкил ва рушди иттиҳодия мебошад. Дар ин давра зарур аст, ки манфиати иқтисодии ташкили иттиҳодияҳо, муқаррар кардани имкониятҳои тиҷоратӣ ва устувории корхонаи оянда таъин карда шаванд.

Вазифаи асосии ин қадам иборат аз таҳияи арзёбии намунаи устувории тиҷоратии иттиҳодия мебошад, ки он ояндабинии даромад ва хароҷотҳои имконпазир дар давраҳои алоҳидаи фаъолияти иттиҳодия ифода мегардад.

Асосноккунии қарори ташкили иттиҳодияҳои фермерӣ, самтҳои фаъолияти он имконият медиҳад, то асосноккунии хуб таҳияшудаи техникӣ-иқтисодӣ ва ё нақшаи соҳибкорӣ ба вуҷуд биёяд.

Ин ду ҳуҷҷат бояд ба саволи умуман оё ба ташкили иттиҳодия пул сарф кардан манфиат дорад ва оё ин хароҷоти қувва ва воситаҳо худро мепӯшонад, ҷавоб пайдо намояд. Онҳо имконият медиҳанд, то ҳанӯз пеш аз оғози фаъолияти ҳамҷоя ё аз татбиқи ин ғоя даст кашида шавад ва ё дар ҳолати қабули қарорҳои мусбат, тамоми масъалаҳои стратегии вобаста ба фаъолияти иттиҳодия, маркетинги он, маблағу молӣ ва ҳ.к. ҳал карда шаванд. Ин хулоса беҳтар аст пеш аз ташкили иттиҳодия ҳаллу фасл карда шавад, яъне то ташкили иттиҳодия, на балки баъди он, ки барои ташкили он пул ва вақт масраф карда шудааст.

Таҳияи ин ҳуҷҷатҳо имконият медиҳад, то молистеҳсолкунандагони деҳот самтҳои мушаххаси фаъолияти ташкилот, бозорҳои мақсаднок ва мақоми ташкилоташ дар бозорҳои мазкурро муқаррар карда, хароҷоти истеҳсолӣ ва тиҷоратиро барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ тайёр карда шуда, талабот ба навҷӯӣ, андозаи фонди саҳмиявӣ (дар ҳолати кооператив) ва сарчашмаи ташаккулдиҳии он пайдо карда шаванд, миқдори ҳадди ақали аъзоён ва ҳаҷми ҳадди ақали амалиёти кории ИФ, ки барои ба ҳаёт мутобиқ кардани фаъолияти он муқаррар карда шаванд.

Агар манфиати иқтисодӣ аз фаъолияти якҷоя маълум карда шавад, он гоҳ ба қадами ояндаи ташкили иттиҳодия гузаштан мумкин аст.

## Қадами 6. Интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияи фермерӣ ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои муассисон



Моддаи мазкур бояд танҳо дар ҳолате баррасӣ ва ба назар гирифта шавад, ки агар фермерҳо аз аввал иттиҳодияе ташкил карданӣ бошад, ки он мақоми ҳуқуқӣ дошта бошад (кооператив ва ё ассосиатсия).

Дар ин давра мушовир бояд ба аъзоёни гурӯҳи ташаббускор дар интихоби шакли ташкилӣ - ҳуқуқии иттиҳодия кӯмак намояд. Интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқукии иттиҳодия дар навбати аввал вобаста аз ниёзмандиҳо ва мақсадҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Мушовир бояд ба гурӯҳи ташаббускор, аъзоёни ташкилоти оянда шаклҳои мавҷудаи ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияҳо, навъҳои он, мақсад, сохтор, тартиби ташкил ва фаъолиятро фаҳмонад. Ин ба фермерон дар интихоби шакли бештар мувофиқи матлабу ниёзмандиҳояшон будаи иттиҳодия кӯмак менамояд.

Шаклҳои асосии ташкили иттиҳодияҳои фермерӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кооперативҳои истеҳсолӣ мебошад. Фарқи онҳо ва шаклҳои асосии фаъолияти онҳо дар Боби 2 Роҳнамои мазкур оварда шудааст.

Дар мавриди ассосиатсия (иттифоқҳои) хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ бошад, мақсади асосии ташкили онҳо ҳамчун сохторҳои ғайритиҷоратӣ иборат аз ҳифзи манфиатҳои умумии аъзоёнаш, ҳамоҳангсозии фаъолияти хоҷагиҳои фермерӣ мебошад.

Ҳангоми интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқукӣ, масалан, кооператив, ба аъзоёни гурӯҳи ташаббускор муҳокимаи интихоби навъи фаъолияти кооператив (коркардкунанда, фурӯшанда (савдо), хизматрасон, таъминотӣ, боғдорӣ, обчакорӣ, чорводорӣ, қарзӣ ва суғуртавиӣ ва ҳ.к.) зарур хоҳад буд. Бисёр вақт дар амалия ташкили кооперативҳои бисёрвазифавӣ ба назар мерасад, ки чандин навъи фаъолиятро муттаҳид менамоянд, масалан, таъминоту фурӯш, хизматрасонӣ ва коркард, қарздиҳӣ ва амонатгузорӣ.

Муқаррар кардани навъи фаъолияти кооператив вобаста бо талабот нисбати ин ё он навъи хизматрасонӣ ба аъзоёнаш мебошад.

Шакли ташкилии иттиҳодия бояд он тавре бошад, ки ба аъзоёнаш фоидаовард буда ба онҳо тавозуни беҳтарини хароҷоти фоидаро таъмин намояд.

Дар ин давра ташаббус бояд аз ҷониби аъзоён гурӯҳи ташаббускор пеш ояд, зеро онҳо ташкилкунандаи иттиҳодия ва аъзоёни имконпазири он мебошанд. Мушовир танҳо он гоҳ

кӯмак карда метавонад, ки зарурати фаҳмонда додани соҳаи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигар шакли фаъолияти иттиҳодияҳо зарур бошад. Баъд аз он, ки гурӯҳи ташаббускор интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқуқиро ба охир расонид, он бояд ҳуҷҷатҳои муассисони ташкилотро таҳия намояд. Кӯмаки мушовир дар таҳияи ҳуҷҷатҳои муассисӣ метавонад хеле назаррас бошад.

Ҳуҷҷати муассисии иттиҳодияи фермерӣ алалхусус кооператив оиннома мебошад. Кодекси Граждании ҶТ, инчунин Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» мазмуни бахшҳои ин ҳуҷҷатро хеле хуб шарҳу эзоҳ додааст. Оиннома бояд аз тарафи аъзоёни кооператив таҳия карда шудаю то лаҳзаи бақайдгирии он тасдиқ шуда бошад.

Оиннома қонуни дохилии иттиҳодия буда натанҳо мавҷудияти иттиҳодия, балки муносибатҳои бевоситаи иттиҳодия ва аъзоёнашро муайян менамояд.

Барои таҳияи Оиннома гурӯҳи ташаббускор бо кӯмаки мушовир бояд талаботи қонунгузориро омӯхта аз лоиҳаҳои расмии Оинномаҳои кооперативҳои амалкунанда истифода намояд ва онҳоро мувофиқи талаботи кооперативи худ мутобиқ намояд.

Ҳамин тавр, асосан иттиҳодияҳо ба шакли кооперативхо ташкил карда мешаванд ва дар ин ҷо талаботҳои асосиро нисбати оинномаҳои кооперативҳо баррасӣ менамоем.

Дар Оинномаи кооперативи истеҳсолӣ ҳатман бояд маълумотҳои мазкур мавҷуд бошанд:

1) Номи кооператив;

2) нишонаи кооператив;

3) тартиби идоракунии фаъолияти кооператив;

4) тартиб ва шартҳои воридшавӣ ба кооператив, асос ва тартиби барҳамдиҳии узвият дар кооператив;

5) андозаи ҳаққи узвияти саҳмиявии аъзоёни кооператив;

6) тартиб ба ҳайати воридкунии ҳаққи узвияти саҳмияии аъзоёни кооператив ва ҷавобгарии онҳо барои риоя накардани ӯҳдадориҳо барои супоридани саҳмияҳои ҳаққи узвият;

7) андоза ва шартҳои ҷавобгарии субсидиарии (иловагӣ) аъзоён оид ба қарзҳои кооператив;

8) хусусият ва тартиби иштироки шахсии меҳнатии аъзоёни кооператив дар фаъолияти кооператив ва ҷавобгарии онҳо барои риоя накардани шарти иштироки шахсии меҳнатӣ;

9) тартиби тақсимкунии фоида ва хароҷоти кооператив;

10) тартиб ва салоҳияти мақомоти идоракунии кооператив ва тартиби қабули қарорҳо дар он, аз ҷумла оид ба масъалаҳое, ки ҳалли онҳо бо як овоз ва ё бо аз тариқи овоздиҳии аксарияти мутахассисон қабул карда мешаванд.

11) тартиб ва шартҳои таҷдиди сохтор ва барҳамдиҳии кооператив;

12) фамилия, ном ва номи падар, таърихи таваллуд, ҷои сукунат, шиноснома ва ё ҳуҷҷати онро ивазкунандаи аъзоёни кооператив, ки оинномаро тасдиқ кардаанд ва аъзоёни раёсати кооператив.

Оинномаи кооперативи истеъмолӣ бинобар фарқиятҳое, ки дар боби 2 баррасӣ шудаанд, меъёрҳои мазкур, монанди андоза ва шартҳои ҷавобгарии субсидиарии (иловагӣ) аъзоёни он аз рӯи қарзҳои кооператив; хусусият ва тартиби иштироки шахсии меҳнатии аъзоёни кооператив дар фаъолияти он ва ҷавобгарии онҳо барои вайрон кардани ӯҳдадориҳо оид ба иштироки шахсии меҳнатӣ, тартиби тақсимкунии фоида ва хароҷоти кооператив, такроран шарҳ дода намешаванд.

Оинномаи намунавии Кооперативи истеҳсолӣ дар замимаи 2 Роҳнамои мазкур ифода ёфтааст.

Бояд ба он диққат дода шавад, ки дар ин зина муқаррар кардани андозаи фонди саҳмиявии ***иттиҳодия ва сарчашмаҳои ташаккулёбии он хеле*** муҳим мебошад, ки ин ҳолат бояд дар лоиҳаи коркардашудаи оинннома ифодаи худро пайдо намояд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## Қадами 7. Тайёркунӣ ва татбиқи маҷлиси муассисони иттиҳодия, тасдиқ кардани ҳуҷҷатҳои муассисон



Дар ин зина бояд ба ҳамаи аъзоёни гурӯҳи ташаббускор лоиҳаи Оинномa тақсим карда шуда, аз онҳо пешниҳодҳо гирифта шаванд ва мувофиқи пешниҳодҳои воридшуда тағйироту иловаҳо дохил карда шаванд. Инчунин бояд масъалаҳои техникӣ оид ба баргузории маҷлис баррасӣ гардад: омода кардани толор, таъмини навиштани пайнавишт ва х.к.

Ба рӯзномаи маҷлиси ташкилии (муассисии) кооператив масъалаҳои мазкури асосӣ пешниҳод карда мешаванд:

1. ташкили иттиҳодия;
2. муҳокима ва тасдиқи оинномаи иттиҳодия;
3. қабули қарор оид ба қабули аъзоёни иттиҳодия;
4. интихоботи мақомоти идории иттиҳодия.

Бо ин маҷлиси хоҷагиҳои деҳқоние (фермерӣ), ки хоҳиши ба кооператив дохил шудан доштанд ва ба он дар бораи аъзои иттиҳодия шудан ариза дода буданд, ба охир мерасад.

Далели ташкили кооператив ва қабули оинномаи он аз тарафи маҷлис бо пайнавишти ин маҷлис, ки аз тарафи тамоми иштирокчиёни он бо нишон додани маълумоти шиносномавӣ ва нишони манзили бақайдгирифта шуданаш, тасдиқ мегардад. Пайнавишти намунавӣ дар Замимаи 1 ба роҳнамои мазкур оварда мешавад.

Мушовир ба гурӯҳи ташаббускор ҳангоми татбиқи ин маҷлис ва қабули қарорҳои дуруст, инчунин дуруст тартиб додани онҳо кӯмак карда метавонад.




## Қадами 8. Бақайдгирии давлатӣ ва аввали татбиқи фаъолият

**Банди мазкур метавонад танҳо дар ҳолате, ки агар фермерон бо як забон оид ба ташкили кооператив қарор қабул намоянд, зарур мешавад.**

Дар ин давра баъди гузаронидани маҷлиси умумӣ иттиҳодия бояд бақайдгирии давлатиро гузаронад, зеро танҳо баъди бақайдгирии давлатӣ шахси ҳуқуқӣ ташкилшуда ба ҳисоб рафта метавонад ва ба татбиқи фаъолияташ оғоз менамояд. Тартиби бақайдгирии давлатӣ дар Боби 10 роҳнамои мазкур ифода гардидааст.

Пеш аз он, ки фаъолияташро сар кунад, иттиҳодия бояд як қатор амалро барои таъмини ҳаёт ва рақобатпазирии ташкилот анҷом диҳад. Қабули чунин чорабиниҳо зарур мебошад:

1. Дар навбати аввал бояд **қоидаҳои аниқи муомила** бо иттиҳодия ва аъзоёнии он ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳояшон пеши иттиҳодия таҳия карда шаванд. Вариантҳои он метавонад хеле зиёд бошад, аммо онҳо бояд дақиқ муқаррар карда шаванд.

Масалан, муомилоти байни кооперативи истеъмолӣ ва аъзоёни он метавонад дар асоси шартномаҳо оид ба хариду фурӯш, шартномаи агентӣ, дар асоси мубодилаи саҳмияҳо барои маҳсулоти расонидашуда анҷом ёбанд.

2. **Таҳияи санадҳои дохилии иттиҳодияҳо**. Барои он, ки аъзоёни иттиҳодия оид ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшон маълумоти саҳеҳ дошта бошанд, муқаррар кардани қоидаҳои иттиҳодия, онҳоро дар санадҳои дохилӣ тасдиқ кардан муҳим мебошад, масалан, дар регламенти дохилии иттиҳодия. Санадҳои дохилӣ мушаххасан қоидаҳои иттиҳодия ва ҷавобгариро барои риоя накардани онҳо муқаррар менамоянд.

3. **Ҷалби воситаҳо барои татбиқи фаъолият**. Таъминоти молиявии иттиҳодия давраи аз ҳама муҳими оғози фаъолияти он мебошад. Тавре таъкид гардид, ташаккулдиҳии сармояи ибтидоии иттиҳодия аз ҳисоби ҳаққи узвияти саҳмиявии аъзоёни ташкилот хеле муҳим мебошад. Мушовир бояд диққати иттиҳодияҳоро ба муҳим будани воридкунии ҳаққи узвияти аъзоён дар аввали татбиқи фаъолияти иттиҳодияҳо ҷалб намояд. Инчунин муҳим аст, ки механизмҳои дигари маблағгузорӣ, масалан, ташкили фондҳо, масъалаи гирифтани кредит, грантҳо ва ҳ.к. мавриди баррасӣ қарор гиранд.

4. **Муқаррар кардани сиёсати дурусти назоратӣ дар иттиҳодия.** Дар давраи аввалии фаъолияти иттиҳодия дар сатҳи зарурӣ татбиқ кардани механизми татбиқи назорат, инчунин молияи иттиҳодия, ҳамчунин иҷрои ӯҳдадориҳои аъзоёнии кооператив анҷом мегиранд. Назорат нақши асосиро дар татбиқи назорат ва мониторинги фаъолияти молиявии иттиҳодия иҷро менамояд. Бинобар ин бояд назорат ва ҳисобдории сазовор аз болои ҳисоботҳо, хусусан ҳисоботи муҳосибавии иттиҳодия татбиқ карда шавад. Бояд низоми мунтазами назорати фаъолияти зарурӣ барои таҳлил ва қабули қарорҳо таҳия ва татбиқ карда шавад. Иттиҳодия бояд сиёсати дохилии ҳисобдориро, ки барои иҷрои тамоми иштирокчиён ҳатмӣ мебошад, таҳия намояд.

5. **Таҳияи нақшаи мушаххас барои фаъолияти муштарак**. Иҷрои вазифаҳои гузошташуда аз вазифаҳои мушаххас, тартиб додани тақвими чорабиниҳо, баррасии масоҳат ва хусусиятҳои фаъолияти муштарак, тақсимбандии ӯҳдадориҳо ва муқаррар кардани шахсони ҷавобгар барои риояи мӯҳлатҳои гузошташуда, баррасии сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва мақсадҳои нақшавӣ оғоз мегардад. Муҳим аст интихоботи як ё якчанд роҳбаре, ки дар идоракунии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти иттиҳодия масъулият доранд, гузаронида шавад.

Мушовирон бояд ба иттиҳодия бобати татбиқи ин гуна мақсадҳои гузошташуда кӯмак намоянд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## Қадами 9. Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои гуногун



Муваффақияти кори самараноки ҳамагуна корхона бисёр вақт аз он вобастагӣ дорад, ки кадом алоқамандӣ, робитаҳоро онҳо бо дигар ташкилотҳо ва ё бевосита бо истеҳсолкунандагони молҳо ба роҳ монда, то чӣ андоза бо ин гуна ташкилот самаранок ҳамкорӣ менамоянд.

Иттиҳодияҳо дар навбати аввал, бояд роҳҳои ҳамкориро бо ҳукумати иҷроияи маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ пайдо кардаю ба дастгирии онҳоро соҳиб шаванд.

Барои татбиқи фаъолияти оянда аъзоёни иттиҳодия бояд муомилоти хубро бо бонкхо ва дигар ташкилоти қарзӣ, суғуртавӣ ба роҳ монданашон лозим мешавад.

Иттиҳодия метавонад фаъолияти босамари худро ба роҳ монда, дар бозор мавқеи устуворро дар ҳолате ба даст оварад, ки агар бо истеъмолгарон ва расонандагони хизматрасониҳо ҳамкории хубро ба роҳ монда бошад. Дар навбати аввал онҳо бояд иттилооти таҳлилӣ дошта бошанд ва бо бозорҳои яклухт оид ба харидории маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркардкунанда, корхонаҳои фурӯши техникаи кишоварзӣ, нуриҳои химиявӣ, заҳрхимикатҳо, хӯроки чорво, тухмӣ ва дигар корхонаҳои истеҳсолии кишоварзӣ ва агросаноатӣ ҳамкориҳоро барқарор намоянд.

Мушовир метавонад оид ба иттиҳодияҳои вуҷуддоштаи расмӣ ва ғайрирасмӣ маълумот ҷамъоварӣ карда дар ба роҳ мондани алоқаҳо, хусусан дар оғози фаъолияташон кӯмак намояд.

www.aist.tj

## Қадами 10. Такмили малакаҳои идоракунии иттиҳодияҳои фермерӣ

Қисми ҷудонашаванди рушди иттиҳодияҳои фермерӣ иборат аз доимо баланд бардоштани сатҳи тахассусии роҳбарон ва аъзоёни иттиҳодия аз тариқи ба онҳо омӯзонидани малакаҳои идоракунӣ, банақшагирӣ, иҷрои вазифаҳои банақшагирифташуда ва татбиқи назорати иҷрои онҳо мебошад.

Методҳои мазкур метавонанд таъсирбахш бошанд:

- Татбиқи семинарҳои омӯзишӣ, курсҳо, тренингҳо барои роҳбарон ва аъзоён. Татбиқи ин чорабиниҳо имконият медиҳад, ки ба маротиб сатҳи огоҳонидани аҳолии деҳот боло бурда шавад ва асоси методологиро барои рушди гурӯҳҳои мақсаднок ва сатҳи тахассусии иштирокчиён чораҳо андешидаю барои табдили таҷрибаи пешқадам шароитҳо фароҳам оварда шавад. Бояд дар зинаи ибтидоии фаъолияти иттиҳодия алоқаҳо ба роҳ монда шуда, дастгирии ҳар гуна ташкилоти хизматрасонро соҳиб шавад (омӯзиш, семинарҳо)



- Расонидани кӯмак ба роҳбарон ҳангоми роҳбарии онҳо, рушди худтакмилдиҳии роҳбарон.
- Расонидани кӯмак ба аъзоёни иттиҳодия бо мақсади иштироки фаъолтарини онҳо дар раванди қабули қарор ва идоракунии корҳои иттиҳодия.
- Расонидани кӯмак ва дастгирӣ дар давраи банақшагирӣ ва иҷрои нақшаҳои тасдиқшуда.
- Расонидани кӯмак ба иттиҳодияҳо дар ташкил ва гузаронидани маҷлис ва дигар чорабиниҳо.

## 7. БАРҚАРОРКУНӣ ВА Ё ТАКМИЛДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРИИ МАВҶУДБУДА

На ҳамаи иттиҳодияҳои ташкил кардашуда дар оянда метавонад муваффақона фаъолият намоянд. Чунин иттиҳодияҳое низ мавҷуданд, ки фаъолияти худро хеле чобукона оғоз карда бо мурури замон бинобар як қатор сабабҳо ғайрифаъол мешаванд. Ҳамин тавр, бештари онҳо пош хурда бинобар ришвахӯрӣ, идоракунии нодуруст ва ё бад, низоъҳои дохилӣ, набудани мақсадҳои дақиқ ва ё хоҳиши маблағгузории муштарак надоштани фаъолияташон ба нокомӣ мерасанд. Усулан ин барои ҳамагуна навъи иттиҳодияҳо раванди оддӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин ҳолат нақши мушовир иборат аз расонидани кӯмак ба фермерон ҳангоми муқаррар кардани сабабҳои паст шудани фаъолияти иттиҳодия, инчунин пайдо кардани роҳҳои пурзӯр кардани фаъолияти иттиҳодияҳо мебошад.

Якчанд қадамеро ҷиҳати барқарор кардан ва ё пурзӯр кардани фаъолияти иттиҳодияҳои фермерии мавҷудбуда баррасӣ менамоем:

## Қадами 1. Муқаррар кардани сабабҳои ғайрифаъол шудани иттиҳодияҳо

Муайян кардани сабаби паст шудани фаъолияти иттиҳодияҳо қадами ҳалкунанда дар раванди барқароркунии фаъолияти хуби иттиҳодия мебошад. Барқарор кардани фаъолияти иттиҳодия танҳо бо роҳи дарки сабабҳои ғайрифаъоли он ва бартараф кардани онҳо имконпазир мегардад.

Ин сабабҳо метавонанд хеле гуногун бошанд.

Баъзе сабабҳо ва мушкилоте, ки метавонанд сабаби пошхӯрии иттиҳодияҳо гарданд, дар Боби 4 Роҳнамои мазкур оварда шудаанд (**Мушкилоти эҳтимолии ташкил ва рушди иттиҳодияҳои фермерӣ).** Барои муайян кардани сабабҳое, ки ба пошхӯрии фаъолияти иттиҳодия оварда мерасонанд, аз маводи ин боб метавон истифода кард.

## Қадами 2. Ҷустуҷӯи роҳҳои пурзӯр кардани иттиҳодияҳо

Дар ин давра мушовир метавонад вохӯриҳои ғайрирасмиро бо роҳбарон ва аъзоёнии иттиҳодия барпо карда бо онҳо сабабҳои ошкоршуда ва роҳҳои бартараф кардани онҳо, чорабиниҳоеро, ки метавонанд сабаби пурзӯр кардани фаъолияти иттиҳодия гарданд, муҳокима намояд. Дар айни ҳол муҳим аст ба андешаи роҳбарон ва аъзоёни иттиҳодия оид ба бартараф кардани сабабҳо ва пурзӯр кардани кори иттиҳодия таваҷҷӯҳ карда, аз дастгирии пурраи онҳо дар татбиқи қадамҳои оянда дар қудратбахшии фаъолият истифода намуд.

## Қадами 3. Ташкили гурӯҳи ташаббускор ва таҳияи лоиҳаи нақшаи корӣ

Мушовир ба роҳбарон дар даъват кардани маҷлиси умумии иттиҳодия тавассути баррасии мушкилоти ошкоршуда кӯмак менамояд. Бояд бодиққат нисбати баргузор кардани маҷлиси мазкур андеша намуд. Дар пошхӯрӣ ва ё бесамарии кори иттиҳодия гунаҳкоронро кофтан лозим нест, зеро ин зиддиятҳои дохилиро боз ҳам оташ медиҳад. Зарур аст, ки тамоми фаъолияти иттиҳодия дар самти дуруст таҳлил шуда, барои муттаҳидшавии иштирокчиён муҳити муттаҳидкунанда ба вуҷуд оварда шавад.

Аз рӯи ҷамъбасти муҳокима дар маҷлис метавон гурӯҳи ташаббускор ва ё шахсони босалоҳият ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва масъулони таҳияи нақшаи кории пурзӯр кардани фаъолияти иттиҳодия интихоб ва ё тасдиқ карда шавад.

Мушовир фикру андешаҳои худро ба сари онҳо бор нанамуда, бояд дар таҳия ва коркарди нақша ба онҳо кӯмаки худро расонад.

## Қадами 4. Шарҳ, таҳрир ва қабул кардани лоиҳаи аъзоёни иттиҳодияҳо.



Нақшаи таҳияшудаи пешакӣ ба аъзоёни иттиҳодия барои ҷамъоварии шарҳ ва пешниҳодот фиристода мешавад. Лоиҳа бинобар пешниҳодот ва эзоҳҳо такмил дода шуда баъд аз он барои тасдиқ ба маҷлиси умумии иттиҳодия супорида мешавад ва баъд аз он метавон ба татбиқи нақша шурӯъ намуд.

Дар айни ҳол аъзоёни иттиҳодияро ба он, ки рушду инкишофи иттиҳодия танҳо ба манфиати онҳо хоҳад буд, бовар кунонидан лозим аст.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## 8. ИДОРАКУНИИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӣ ВА ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ҚАРОРҲО. Намунамисоли кооперативи истеҳсолӣ.

Кафили муваффақияти иттиҳодия идоракунии дуруст, назорат ва банақшагирии амалҳои татбиқшаванда мебошад.

Новобаста аз мақсадҳои иттиҳодия, фаъолияти босамари он бе идоракунии босамар ғайриимкон аст. Муҳим аст, ки ҳамаи қарорҳои қабулшуда боасос ва фаҳмо барои ҳамаи аъзоён бошад. Аъзоён бояд равшан самти фаъолият онро тасаввур намоянд ва дар асоси ин иттиҳодияро роҳбарӣ намоянд.

Чунин биниш барои дуруст муқаррар кардани вазифаҳо, амалҳои ҷорӣ, мақсадҳои пеш аз мӯҳлат, ҳамчунин бо тарафҳои манфиатнок (воридкунандагон ва харидорон) – ҳамаи ин бавосита ва ё бевосита ба устувории иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Далелҳои идоракунии кооператив бо таври демократӣ бо усули «як одам – як овоз» муайян карда мешавад. Ин бархурд барои дар идоракунӣ иштирок кардани ҳар як узви кооператив имконият дода, сӯиистифода аз мансабро пешгирӣ карда, масъулияти иштирокчиёнро зиёд менамояд. Агар истеҳсолгарон худро дар идоракунии кооператив ҷалбшуда набинанд, онҳо қоидаҳо ва ӯҳдадориҳои худро риоя намекунанд ва дар айни ҳол самаранокии иқтисодии кооператив паст мешавад.

### Ташкили мақомоти идории кооператив

Идоракунии фаъолияти кооператив пурра дар асосҳои демократӣ, усули интихобӣ ва тобеияти мақомоти интихобӣ дар назди аъзоёни кооператив, дастрасии маълумот оид ба фаъолияти кооператив барои ҳар як узви он сохта мешавад.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» мақомоти идории кооператив чунин мебошанд:

1) Маҷлиси умумии аъзоён.

2) Шӯрои назоратии кооператив.

3) Мақомоти иҷроияи кооператив.

4) Комиссияи ревизионии (ревизор) кооператив.

### Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив

*Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив* мақоми олии идоракунии кооператив буда барои ҳалли ҳамгуна масъалаи вобаста ба фаъолияти кооператив, аз ҷумла тасдиқ ё барҳам додани қарори раёсат ва ё раиси кооператив ва шӯрои назоратии кооператив салоҳият дорад.

Мувофиқи қонун тартиби даъват ва баргузории маҷлиси умумии навбатӣ ва ё ғайринавбатии аъзоёни кооператив бо оинномаи кооператив муқаррар карда мешавад.

Одатан маҷлиси якуми умумии аъзоёни кооператив дар мӯҳлати кӯтоҳ, аммо на дертар аз се моҳ баъди бақайдгирии давлатии кооператив, даъват карда мешавад. Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив бинобар зарурат даъват шуда, наметавонад дар як сол ду маротиба даъват карда шавад.

Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив, ки ба ғайр аз маҷлиси умумии солона гузаронида мешаванд, маҷлисҳои ғайринавбатӣ ба шумор меравanд.

Маҷлиси умумии аъзоёни кооперативро раёсати кооператив бо ташаббуси худ ва ё бо талаботи шӯрои назоратии кооператив даъват менамояд.

Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив дар ҳоли иштироки бештар аз нисфи аъзоёни кооператив дар он эътибор пайдо мекунад.

**Ҳар як узви кооператив ҳангоми қабули қарори маҷлиси умумии аъзоёни кооператив *як овоз* дорад.**

Ба ваколатҳои истисноии мачлиси умумии аъзоёни кооператив дахл доранд:

1) қабул ва тағйир додани оинномаи кооператив;

2) қабул ва хориҷ кардани аъзоёни кооператив;

3) ташкили шӯрои назоратӣ, барҳам додани ваколати аъзоёни он;

4) тасдиқ кардани Регламенти маҷлиси умумии аъзоёни кооператив;

5) ташкил ва ё барҳам додани салоҳияти мақомоти иҷроияи кооператив;

6) муқаррар кардани фондҳо ва захираҳои тақсимнашавандаи кооператив ва тартиби истифодаи онҳо;

7) муқаррар кардани қоидаи тартиботи дохилии кооператив, тартиби пардохти музди меҳнати аъзоён ва коргарони кирояи кооператив;

8) ташкил ва барҳамдиҳии филиалҳо ва намояндагиҳои кооператив; ҳалли масъалаҳои иштироки кооператив дар ҳамшарикӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, инчунин дохилшавии кооператив ба иттиҳодия (ассосиатсия, иттифоқҳо);

9) ҳалли масъалаҳо оид ба воридкунии ҳаққи узвияти иловагӣ;

10) тасдиқи ҳисоботҳои солона ва тавозунҳои муҳосибавии кооператив, тақсими фоида ва хароҷоти он;

11) қарор оид ба таҷдиди сохтор ва барҳамдиҳии кооператив;

12) шунидани ҳисоботи раёсат (раиси) кооператив;

14) интихоби комиссияи ревизионӣ (ревизори) кооператив, барҳам додани ваколатҳои аъзоёни он.

Оинномаи кооператив метавонад ҳалли дигар масъалаҳоро ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии аъзоёни кооператив мансуб донад.

## Шӯрои назоратии кооператив

Дар кооперативи дорои бештар аз 50 аъзои кооператив метавонад шӯрои назоратӣ аз ҳисоби аъзоёни он ташкил карда шавад, ки он назорати фаъолияти мақомоти иҷроияи кооперативро анҷом медиҳад.

Аъзоёни шӯрои назоратӣ дар маҷлиси умумии кооператив интихоб карда мешаванд.

Шумора, мӯҳлати амал ва салоҳияти шӯрои назоратӣ дар оинномаи кооперати таъин карда мешавад.

Аъзоёни шӯрои назоратии кооператив барои татбиқи амалҳо аз номи кооператив ҳуқуқ надоранд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

Оинномаи кооператив ба салоҳияти шӯрои назоратӣ метавонад инчунин татбиқи назорати иҷрои қарорҳои маҷлиси умумии аъзоёни кооперативро дохил намояд. Шӯрои назоратӣ дорои чсунин вазифаҳо мебошад:

- Аз болои фаъолияти раёсат ва раиси кооператив назорат мебарад;
- Ҳуқуқ дорад аз раёсат ва раиси кооператив ва ё директори иҷроияи кооператив оид ба фаъолияташон ҳисобот талаб намояд;
- Бо ҳуҷҷатнигории кооператив шинос шуда, ҳолати хазинаи кооперативро санҷад, инвентаризатсия гузаронад ва ғайра;
- Тавозуни муҳосибавӣ ва ҳисоботи солонаро вазифадор аст, ки санҷад;
- Оид ба пешниҳод дар бораи даромадҳои солонаи кооператив маълумот дода дар бораи чораҳои пӯшонидани камбуди солона гузориш диҳад;
- Ба маҷлиси умумии аъзоёни кооператив  аз натиҷаҳои санҷиш то тасдиқи тавозуни муҳосибавӣ гузориш диҳад;
- Аз рӯи аризаҳо оид ба ба аъзогии кооператив қабул кардан ва аз он бароmадан хулоса мебарорад;
- Маҷлиси умумии аъзоёни кооперативро даъват менамояд, агар ин кор ба манфиати кооператив зарур бошад.

## Мақоми иҷроияи кооператив

**Раис ва раёсати кооператив** мақоми иҷроияи кооператив мебошанд. Мақомоти иҷроияи кооператив роҳнамоии ҷории фаъолияти кооперативро анҷом медиҳад. Раёсати кооперативро раиси раёсат роҳбарӣ менамояд, ки ӯро маҷлиси умумии аъзоён кооператив аз ҳисоби аъзоёнаш интихоб мекунад.

Дар кооперативҳое, ки шумораи аъзоёнашон на бештар аз 20 нафар аст, вогузор кардани вазифаи раёсат ба раиси кооператив иҷозат дода мешавад.

Аъзоёни раёсат (раиси) кооператив аз ҳисоби аъзоёни кооператив дар маҷлиси умумии аъзоёни кооператив интихоб карда мешаванд.

Одатан дар давраи аввали фаъолияти **кооперативи шумораи аъзоёнаш кам** раёсат метавонад чунин ҳайат дошта бошад:

- Раис,
- Муҳосиб,
- Котиб.

Раёсат (раиси) кооператив ба маҷлиси умумии аъзоёни кооператив ва шӯрои назоратии кооператив ҳисобот медиҳад. Ба салоҳияти (раиси) кооператив  ҳалли ҳамаи масъалаҳои вобаста бо фаъолияти кооператив, ки ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии аъзоёни кооператив ва ё шӯрои назоратии кооператив дахл надоранд, дохил мешаванд.

**Раиси раёсат (раиси кооператив)** аз номи кооператив бе бовариинома амал карда чунин салоҳиятҳоро доро мебошад:

- самти асосии фаъолияти кооперативро таъин менамояд;
- нақшаҳои ҷорӣ ва ояндабинии кориро баррасӣ менамояд;
- иҷрои нақшаҳои фаъолияти кооперативро таъмин менамояд;
- қоида, тартиб ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии кооперативро тасдиқ карда, сохтори ташкилии онро муқаррар менамояд;
- иҷрои қарорҳои маҷлиси умумиро таъмин мекунад;
- амволи кооператив дар ҳудуди бо маҷлиси умумӣ, оиннома ва қонунгузории амалкунанда муайяншуда тобеи ӯст;
- ҷадвали бастии кооператив, инчунин филиалҳо ва намояндагони кооперативро тасдиқ мекунад;
- кормандонро ба кор қабул карда аз кор ҷавоб медиҳад;
- бо тартиби дар қонунгузорӣ ва оинномаву маҷлиси умумии иштирокчиён муқарраршуда кормандони кооперативро ҳавасманд карда, инчунин ба онҳо ҷазо медиҳад;
- оид ба сафарҳои хизматӣ қарор қабул мекунад;
- Кооперативро дар ҳамаи муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он намояндагӣ менамояд;
- Дар бонкҳо суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ, асъорӣ ва дигари кооперативро мекушояд,
- Шартномаҳо баста дигар намуди муомилотро анҷом медиҳад;
- Нархҳои шартномавиро барои маҳсулоту хизматрасонӣ тасдиқ менамояд;
- Ҳисобдории муҳосибавӣ ва ҳисоботро ташкил менамояд;
- Барои тасдиқи Маҷлиси умумии иштирокчиён ҳисобот ва тавозуни солонаи кооперативро пешниҳод менамояд;
- Аз рӯи дигар масъалаҳои вобаста бо масъалаҳои ҷорӣ қарор қабул менамояд;
- Фаъолияти кооперативро роҳбарӣ менамояд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.waist.tj

## Комиссияи ревизионӣ (ревизори) кооператив

Барои назорати фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории кооператив маҷлиси умумии аъзоёни кооператив Комиссияи ревизиониро дар ҳайати на камтар аз се нафар аъзоёни кооператив интихоб менамояд. Агар шумораи аъзоёни кооператив камтар аз бист нафар бошад, комиссияи ревизионӣ метавонад танҳо аз як нафар – ревизор ташкил карда шавад.

Аъзоёни Комиссияи ревизионӣ (ревизорҳои) кооператив наметавонанд аъзоёнии шӯрои назоратӣ ва мақомоти иҷроияи кооператив бошанд.

Комиссияи ревизионӣ (ревизори) кооператив тафтиши ҳолати молиявии кооперативро аз рӯи ҷамъбасти фаъолияташ барои соли молиявӣ анҷом медиҳад. Комиссияи ревизионӣ (ревизор) тафтиши фаъолияти молиявӣ -хоҷагидории кооперативро бо супориши маҷлиси

умумии аъзоёни кооператив, шӯрои назоратии кооператив ва бо талаботи на камтар аз 10% аъзоёни кооператив, ҳамчунин бо ташаббуси худаш анҷом медиҳад.

**ӯҳдадориҳои вазифавии муҳосиб:**

- Татбиқи ҳисобдории муҳосибавии амвол, ӯҳдадорӣ ва амалиётҳои хоҷагидорӣ (ҳисобдории воситаҳои асосӣ, арзишҳои молӣ-моддӣ, хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ-молиявӣ; ҳисоббаробаркунӣ бо воридкунандагон ва фармоишгарон барои хизматрасониҳо ва ҳ.к.).
- Ҷамъоварии ҳаққи аъзогӣ ва дигар пардохтҳо.
- Имзо кардани ҳуҷҷатҳои молиявӣ ҳамроҳи раис.
- Тайёр кардани бюджет ҳамроҳи раис.

**Вазифаҳои мансабии котиб:**

- Таҳияи пайнавиштҳои маҷлиси умумии аъзоёни раёсат.
- Таҳияи ҳуҷҷатгузории маъмурӣ.
- Иҷрои дигар корҳои маъмурӣ дар кооператив.

Пайдарҳамии тобеият дар раёсати кооператив:



# 9. БАҲОДИҲИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯ

Арзёбии фаъолият одатан баъди гузаштани вақти муайян ва анҷомдиҳии фаъолияти бомуваффақият ва ё бемуваффақияти тиҷоратии иттиҳодия анҷом дода мешавад. Дар ин ҳолат мушовирон метавонанд ба пештозони иттиҳодия дар дарки хатогиҳои содиршуда, пайдо кардани роҳҳои ислоҳи онҳо кӯмак намоянд. Ҳамчунин бояд боварӣ ҳосил кард, ки иттиҳодия дар манфиатҳои шахсии шахсони алоҳида истифода бурда намешавад, ки ин ҳолат ҳамон замон ба боварии дохилии фермерон таъсири манфӣ мерасонад. Муваффақият ва ё нокомии иттиҳодияро метавон аз тариқи пайгирии равиши афзоиш ва ё камшавии ҳосилнокӣ, сатҳи даромаднокии аъзоёнаш, афзоиш ва ё пастравии хароҷоти истеҳсолӣ аз ҳисоби харидории ҳамроҳ бо нархҳои яклухт бо тахфифҳои назаррас ошкор намуд. Ҳамаи ин далелҳо бояд давра ба давра пайгирӣ ва арзёбӣ карда шаванд.

Баъди гирифтани арзёбии натиҷаҳо иттиҳодия метавонад оид ба вусъат додани фаъолияти худ мувофиқи манфиатҳои аъзоёнаш қарор қабул карда ҳаҷми фурӯш ва маркетинги маҳсулотро афзоиш диҳад.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# 10. МАЪЛУМОТИ ИЛОВАГӢ БАРОИ МУШОВИРОН

## а) Банақшагирии соҳибкорӣ – мақсад, вазифа, мазмун ва соҳаҳои истифодабарӣ

Одатан ба таҳияи нақшаи соҳибкорӣ аз ҷониби фермерон диққати кофӣ дода намешавад, чунин андеша мавҷуд аст, ки гӯё бе банақшагирӣ кор пеш бурда мешавад. Дар ҷавоб ба ин метавонем гӯем, ки нақшаи соҳибкорӣ ба иттиҳодияи фермерон имконият медиҳад, ки бо фикри тоза исконияти ҳову хавфҳои фаъолияташонро арзёбӣ намоянд. Нақшаи соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки иттиҳодияи навташкили фермерон ба мушкилоти оянда хубтар тайёрӣ бинад.

Он метавонад барои давраи тӯлонӣ, инчунин барои як сол, барои кооперативи навташкил ва ҳам амалкунанда тартиб дода шавад.

Пеш аз ҳама ин нақшаи соҳибкорӣ ба худи аъзоёни кооператив зарур аст, зеро барои онҳо барномаи корӣ, дастурамал барои иҷро мебошад.

Нақшаи соҳибкорӣ барои асосноккунии маблағгузориҳо ва гирифтани маблағҳои қарзӣ муҳим аст. Бештари бонкдорон ва дигар кредиторон то аз кооператив нагирифтани нақшаи соҳибкории босаводона тартибдодашуда, ки дар он имкониятҳои баргардонии қарз ва иҷрои ӯҳдадориҳо дарҷ гардидааст, қарз намедиҳанд.

Ба ғайр аз ин, нақшаи соҳибкорӣ барои худи аъзоёни иттиҳодия дар равшан кардани мақсадҳо, вазифаҳои аввалиндараҷа ва роҳҳои ҳалли онҳо ёрдам мекунад. Тавассути нақшаи соҳибкорӣ аъзоёни кооператив метавонанд натиҷаҳои воқеии фаъолияти корхонаро дар давраи муайян мушоҳида намоянд.

Аз таркиби нақшаи соҳибкорӣ ва сифати он аз хусусияти истеҳсолот ва соҳаи химатрасонӣ вобастаанд. Агар соҳа мураккаб бошад (масалан: истеҳсолот, нигоҳдорӣ, бастабандӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ), нақшаи соҳибкорӣ низ мураккаб ва ҳаҷман калон аст, аммо агар соҳа оддӣ ва хеле маъруф бошад, нақшаи соҳибкорӣ низ хеле содда мебошад.

Ба таҳияи нақшаи соҳибкорӣ оғоз карда аъзоёни гурӯҳи ташаббускор ва ё дигар гурӯҳи ашхосе, ки дар маҷлиси умумӣ барои татбиқи ин мақсадҳо интихоб шудаанд, бояд оид ба талаботи имконпазир, ниёзмандиҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ зарурат пайдо менамоянд. Ин ахборот ба иттиҳодия имконият медиҳад, ки то оғози татбиқи нақшаи соҳибкорӣ оид ба рақобатпазир будани кори худ маълумот дошта бошад.

Ҳамчунин муҳим аст мақсаду вазифаҳои корхонаи оянда равшан таъин карда шаванд. Мақсад на бояд номуайян бошад, дар ҳоли баръакс пешгӯиҳои ояндаи мушкил мешаванд. Вақте ки барои таҳияи нақшаи соҳибкорӣ зарур аст, аз тайёрӣ, таҷрибаи шахсони масъули интихобшуда вобаста буда ба мушовир зарур аст, ки ба гурӯҳ дар ин кор ёрӣ расонад. Нақша бояд ба қадри кофӣ мушаххас бошад, то ин ки ҳама имконияти пайдо кардани

тасаввурот оид ба лоиҳаи пешниҳодшударо дошта бошанд ва мақсади онро муайян карда тавонанд.

Нақшаи соҳибкорӣ бо мақсади татбиқи он тартиб дода мешавад. Набояд чунин тасаввур шавад, ки нақшаи соҳибкорӣ барои аъзоёни иттиҳодия ва инвесторон тартиб дода шуда, гоҳе, ки истеҳсолот оғоз мегардад, дар бораи он фаромӯш кардан мумкин аст. Нақшагирӣ давраи муҳимтарини ҳамагуна истеҳсолот мебошад, ки ба назар нагирифтани он метавонад сабаби нокомии иттиҳодия гардад.

Тартиб додани нақшаи хуб – раванди хеле мушкил буда, татбиқи он аз он ҳам мушкилтар мебошад. Ба татбиқи бомуваффақияти нақшаи соҳибкорӣ хеле таҳия ва татбиқи низоми назорати иҷрои он ва саривақт таҳрир намудани нақша мувофиқи ҳолати ҷорӣ кӯмак менамояд.

Бинобар таъмини назорати босамари иҷро нақша бояд пешакӣ нуқтаҳои назорат, ки мувофиқи онҳо имконияти муайян кардани дурустии татбиқи нақша мавҷуд аст, анҷом дода шавад. Одатан, нақша барои як сол таҳия мешавад, аммо ин чунин маънӣ надорад, ки бояд охири солро интизор шуд, то комёбӣ ё нокомии иҷрои он муайян карда шавад. Муҳим аст, то таносуби байни даромад ва хароҷоти истеҳсолот, ҳолати воситаҳои молиявӣ, иҷрои нақшаи истеҳсолӣ, сифати истеҳсолот ва ҳ.к. мунтазам тафтиш карда шавад.

Ҳамагуна, ҳатто беҳтарин нақшаи соҳибкорӣ метавонад кӯҳна шавад, агар шароит тағйир ёбад. Факторҳои берунӣ (вазъияти иқтисодии кишвар, дигаргуншавии талаботи истеъмолӣ, технологияҳо, сиёсати рақибон), инчунин тағйирот дар дохили истеҳсолот (дигаршавии роҳбарият ва ё дигар), метавонанд масъалаи таҷдиди назар кардани нақшаи соҳибкориро гузорад. Таҷдиди назар кардани нақшаи соҳибкорӣ ва ворид кардани дигаргуниҳо ба он имконият медиҳад, бе тағйир додани мақсадҳо роҳҳои комёбшавиро дигаргун карда, бинобар онҳо имкониятҳои рушдиояндаи корхона пайдо карда шаванд.

## Сохтори намунавии нақшаи соҳибкорӣ

Нақшаи соҳибкории кооперативҳои гуногун пеш аз ҳама бо андозаи мушаххаскунӣ ва коркарди бахшҳои гуногунашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бо фарқияти хеле назарраси зоҳирии вариантҳои гуногуни сохтори нақшаҳои соҳибкорӣ, таркиб ва мазмуни бахшҳои асосии онҳо амалан бетағйир мемонанд. Сохтори нақшаи соҳибкорӣ метавонад чунин шакл дошта бошад:

Варақаи муқова

1. Консепсияи нақшаи соҳибкорӣ (резюме).
2. Тавсифоти кооператив.
3. Тавсифоти хизматрасониҳо, корҳо ва маҳсулоти кооператив.
4. Таҳлил ва баррасии бозори фурӯш.
5. Нақшаи маркетинг.
6. Нақшаи истеҳсолот (нақшаи амалиётӣ).
7. Нақшаи ташкилӣ.
8. Нақшаи молиявӣ.
9. Баҳодиҳии хавфҳо.

10. Замимаҳо ба нақшаи соҳибкорӣ.

**Ҳар як бандро дар алоҳидагӣ дида мебароем:**

**Консепсияи нақшаи соҳибкорӣ (резюме).**

Чи тавре ки маълум аст, ин бахш дар охири тартибдиҳии нақшаи соҳибкорӣ омода мегардад, яъне он замоне, ки аз рӯи масъалаҳои дигар ягон шубҳае намондааст. Он асосан кӯтоҳ ва чунин тарзе тартиб дода шуда бошад, ки таваҷҷӯҳи сармоягузорро ҷалб намояд. Маҳз аз рӯи ин резюме, аъзоёни иттиҳодия ва сармоягузорони имконпазир муқаррар менамоянд, ки оё барои баррасии пурра ин нақшаи соҳибкорӣ вақт сарф кардан лозим аст ё не. Дар резюме хеле кӯтоҳ бояд ба шахсони манфиатдор маълумоти муҳимтаринро оид ба лоиҳаи татбиқшаванда додан лозим аст, хусусан иттиҳодия бо чӣ кор машғул мешавад, ба он чӣ қадар маблағ лозим аст, ба маҳсулоти ӯ талабот чӣ қадар аст ва чаро ин муассиса комёб нахоҳад шуд. Ҳамин тавр, дар ин бахш муҳим аст мазмун, мақсад ва вазифаҳои асосии фаъолияти иттиҳодия, навъ ва хусусиятҳои фаъолияти он, натиҷаи фаъолият (ҳаҷми фурӯш, хизматрасонӣ, фоида, самаранокӣ), ҳаҷми умумии маблағгузории зарурӣ ва талабот ба воситаҳои қарзӣ, хароҷот барои истифодабарӣ, манфиатҳои кооператив ва гирандагони ин манфиатҳо, тавсифоти кӯтоҳи иштирокчиёни иттиҳодия ва навъи соҳибкорӣ (анвои маҳсулот), ки бо он машғул хоҳад шуд, ифода карда шаванд.

**Тавсифи ИФ дар ҳолати кооператив**

Ин бахшро бояд аз тавсифоти маълумоти асосии бевосита вобаста ба иттиҳодия оғоз кардан лозим аст. Маълумотҳои асосӣ чунин мебошанд, аз ҷумла: номи кӯтоҳ ва пурраи иттиҳодия, таърих ва ҷои бақайдгирии давлатӣ, рақами мушаххаси умумӣ, нишонии ҳуқуқӣ ва почта, реквизитҳои банкӣ, андозаи фонди саҳмияҳо, интиқолҳои аъзоён бо нишон додани ҳиссаи онҳо дар фонди саҳмияҳо, таърихи кӯтоҳи иттиҳодия, ҳолату вазъияташ дар бозор (воқеӣ ва нақшавӣ); навъи фаъолияте, ки бо он иттиҳодия машғул аст.

**Тавсифоти хизматрасониҳо, корҳо ва маҳсулоти иттиҳодия.**

Бахши мазкури нақшаи соҳибкорӣ бояд тавсифоти тамоми навъҳои мол (хизматрасониҳо, корҳо) иттиҳодияро, ки онҳоро дар бозор пешниҳод менамояд, дарбар мегирад. Он бояд ба худ номгӯи маҳсулот (хизматрасонӣ); сифатҳои махсуси маҳсулот; талаботе, ки бояд ба он маҳсулот (хизматрасонӣ) ҷавобгӯ бошад; мавҷудияти таҷрибаи истеҳсоли маҳсулоти мазкур (ва ё хизматрасонӣ); хусусияти технологияи истеҳсоли маҳсулот (хизматрасонӣ, иҷрои корҳо); таҳлили муқоисавӣ бо маҳсулот (хизматрасониҳои) рақибон; нархҳое, ки бо онҳо маҳсулот фурӯхта мешавад (хизматрасонӣ, иҷрои корҳо) ва фоидаҳо аз фурӯши воҳиди молро ташкил медиҳад.

**Таҳлил ва омӯзиши бозори фурӯш.**

Мувофиқи матлаб аст, ки идеяи ташкили корхонаи нав дар ҳудуди контексти вазъияти феълан вуҷуддошта дар соҳа ва асоси таҳлили ин вазъият омӯхта шавад. Таҳлилу омӯзиши бозори фурӯш – яке аз асоситарин марҳилаҳои тайёр кардани нақшаи соҳибкорӣ мебошад,

ки он бояд ба чунин саволҳо ҷавобгӯ бошад: кӣ, барои чӣ ва ба кадом миқдор маҳсулоти иттиҳодияро харидорӣ менамояд. Дар ин бахш бояд мавзӯъҳои мазкур мавҷуд бошанд:

1. Баҳодиҳии бозори фурӯш (бозорҳое, ки дар онҳо соҳибкорӣ ба нақша гирифта мешавад; сегментҳои асосии бозорҳо оид ба ҳамаи намудҳои маҳсулот, номи онҳо, ҳиссаи иттиҳодия дар ин бозорҳо ва дурнамои ҳифз кардан ва ё афзоиш додани он; ҳолат ва дурнамои табдили талаботи харидорон дар ҳар яке аз бозор ва сегментҳо; ҳаҷми имконпазири фурӯш ва х.к.)

2. Баҳодиҳии муҳити рақобатпазирӣ (рақибони асосӣ ва навъҳои рақобат; вазъияти кори ширкатҳои рақиб: даромади онҳо, вазъи воридкунии анвои нави маҳсулот; тарафҳои пурқувват ва камқуввати рақибон; амалҳое, ки дар оянда аз рақибони ҳозир ва имконпазир бояд интизор шуд; маҳсулоти рақибон: нишондиҳандаҳои асосӣ, сатҳи сифатнокӣ, бастабандӣ, хусусиятҳои таъм ва ҳ.к.; нархи маҳсулоти рақибонк ва сиёсати нархгузории онҳо ва ҳ.к.)

**Нақшаи маркетинг – бозоршиносӣ.**

Нақшаи маркетинг яке аз муҳимтарин қисмҳои нақшаи соҳибкорӣ мебошад. Дар он нишон дода мешавад, ки дар кадом навъ ва дар куҷо маҳсулот татбиқ гардида, нархгузорӣ анҷом дода мешавад, чӣ гуна нархгузорӣ анҷом дода шуда, маъракаҳои таблиғотӣ чӣ гуна татбиқ мегарданд. Дар ин ҷо бояд дурнамои фурӯши маҳсулот оварда шавад. Бахши мазкури нақшаи соҳибкорӣ бояд аз чунин қисмҳо иборат бошад: бархурдҳои асосӣ нисбати нархгузорӣ; стратегияи нархгузорӣ, сохтор ва андозаи хатҳои фурӯш; эътимоднокӣ ва бахраварии хатҳои интихобшудаи тақсими мол; оптималӣ будани нақшаи интиқоли маҳсулот ва намудҳои нақлиёти истифодашаванда; роҳҳои ташкили савдо (пешниҳоди хизматрасониҳо); шартҳои воридоти мол, интихоб ва баррасии методҳои гуногуни фурӯш (тахфиф, фурӯши нася, муомилоти имтиёзнок, бонусҳо), таъминнокии савдо бо маводи рекламавӣ; самтдиҳии реклама ба гурӯҳи мақсаднок, сегменти бозор ва умуман бозор); асоснокии интихоби навъи реклама; бюджети маъракаҳои рекламавӣ; услуби реклама; арзёбии пешакии самаранокии реклама.

**Нақшаи истеҳсолот \ нақшаи амалиётӣ**

Ин бахш одатан аз тарафи кооперативҳои коркардкунанда тайёр карда мешавад, барои кооперативҳои хизматрасон ва таъминотӣ нақшаи амалиётӣ таҳия карда мешавад. Қисми мазкур аз шарҳи кӯтоҳ оид ба макони тайёркунии маҳсулот – дар кооперативи амалкунанда ва ё навташкилшаванда иборат аст. Қадами оянда – шарҳи технология ва тарзи истеҳсолот мебошад. Дар қисми мазкур талабот нисбати биноҳои истеҳсолӣ ва таҷҳизоти он ифода мегардад, талабот нисбати ашёи хом, мавод, талабот ба ашёи хом ва мавод, маводи бастабандӣ ва таъминнокӣ бо он, таркиб, сохтор ва сифати воситаҳои асосӣ, аз ҷумла таҷҳизоте, ки онро кооператив истифода менамоянд, арзиши худии пешгӯи шудани маҳсулоти кооператив.

**Нақшаи ташкилӣ**

Дар ин бахш нақшаи ташкилии раёсати иттиҳодия, сохтори он; таркиби воҳидҳои сохторӣ ва вазифаҳои он; ташкили ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар корхона, мувофиқати сохтори ташкилӣ ба мақсаду стратегияи иттиҳодия; захираҳои меҳнатӣ ва музди меҳнат;

принципҳои қабул ва интихоби кормандон, низоми рушди иқтисодӣ, маълумоти умумӣ дар бораи иҷрокунандагон ва роҳбарии иттиҳодия; муносибат бо аъзоён, ӯҳдадории имконпазири тамоми аъзоён мувофиқи қонунгузории амалкунанда ва оиннома (дар ҳолати бо кооперативҳо), низоми интиқоли ваколати масъулият, низоми масъулияти шахсӣ барои иҷро ва ё иҷро накардани корҳо хеле муҳим аст.

Хусусиятҳои асосии сохтори ташкилӣ, шумораи кормандон мувофиқи вазифаашон, миқдори зинаҳои пайдарҳамии тобеият, миқдори занҷираҳои сохторӣ, дараҷаи марказонида шудани раёсат мебошад.

**Нақшаи молиявӣ.**

Ҳамроҳи нақшаҳои маркетингӣ, истеҳсолӣ ва ташкилӣ, нақшаи молиявӣ қисми муҳимтарини нақшаи соҳибкорӣ мебошад. Нақшаи молиявӣ талаботи истеҳсолотро дар ҳаҷми маблағгузорӣ ба назар гирифта имконият медиҳад мақсаднокии иқтисодии маблағгузории лоиҳаи навро асоснок намояд. Нишондиҳандаҳои нақшаи молиявӣ: ҳаҷми фурӯш, хароҷот барои харидории таҷҳизот, барои пардохти музди меҳнат ва дигар хароҷот, арзиши аслӣ, фоида, гардиши сармоя, пардохтпазирии корхонаро дар назар дорад.

Ба сифати асосноккунии нақшаи молиявӣ ба мӯҳлати 3-5 сол бояд маълумоти мазкур тайёр карда шавад:

1. пешгӯии ҳаҷми фурӯш;
2. ҳисоббаробаркунии хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши амвол ва хизматрасонӣ;
3. ҳисоббаробаркунӣ барои таъминнокӣ бо ашёи хом ва мавод барои 5 соли аввал;
4. пешгӯии зиёнҳои умуми сол ба сол;
5. ҳисоббаробаркунии фоидаи банақшагирифташуда (сол ба сол ва вобаста ба бозор)
6. пешгӯии тақсимкунии маҷрои пул;
7. таҳлили нуқтаи ҳаҷми критикии фурӯш;
8. лоиҳаҳои тавсифи тавозуни муҳосибавӣ барои аввал ва охири ҳар як давра;
9. тавсифоти сарчашмаҳои маблағгузорӣ.

Умуман, бахши мазкур чунин маълумотро дарбар мегирад: воситаҳое, ки кооператив ба онҳо молик аст; сарчашмаҳои имконпазири маблағгузории фаъолияти пешбинишуда ва соҳаи татбиқи воситаҳои мавҷуд буда; баррасии рушди ҷорӣ ва ояндаи иқтисодӣ; пешгӯии фоида ва зиён, гардиши воситаҳои пулӣ; арзёбии воридшавии синхронӣ ва хароҷоти воситаҳои пулӣ; талаботи ҳозира дар ҷалби воситаҳои қарзӣ; амвол барои таъминнокии кредит (ва ё дигар кафолатҳо); мӯҳлатҳои қарздиҳӣ ва шартҳои пардохти кредит; баҳодиҳии нуқтаи безиёнӣ ва захираи устувории молиявии иттиҳодия.

**Хавфи баҳодиҳӣ:**

Ҳар як корхона дар раванди корҳо метавонад бо мушкилоти муайяне рӯ ба рӯ шавад, ки ба мавҷудияти он таҳдид карда метавонад. Дар бахши «Баҳодиҳии хавфҳо» таҳлил ва арзёбии хатарҳо анҷом дода мешавад, инчунин методҳои паст кардани хавфҳо пешниҳод карда мешаванд. Ин бахш дорои феҳристи хавфҳои имконпазир, имконияти ба вуҷуд омадани хавфҳои қайдшуда, муайян кардани вазнинии зиёни имконпазир; таснифоти хавфҳо нисбат ба дараҷаи хавфнокӣ ва эҳтимолият;

чорабиниҳои ташкилӣ оид ба пешгирӣ ва нейтрализатсияи хавфҳои бештар аҳамиятнок; барномаи суғарта аз хавфҳоро дарбар мегирад.

**Замимаҳо ба нақшаи соҳибкорӣ**

Ба нақшаи соҳибкорӣ тамоми ҳуҷҷатҳое, ки қисми таркибии лоиҳа намебошанд, аммо аз онҳо дар матн ёд карда шуда, феҳристи онҳо дар поварақи лоиҳа оварда шудааст.

Замимаҳои имконпазир ба нақшаи соҳибкорӣ дар ҳолати кооперативи истеъмолӣ метавонанд чунин бошанд:

1. шартномаҳои дахлдор (контрактҳо);
2. шаҳодатномаҳои гарав;
3. мактубҳои гарав;
4. нақша, ҷадвал ва вариантҳои ҳисоббаробаркуниҳо;
5. нусхаҳои суғурта;
6. патент, лицензия ва сертификатҳои сифат;
7. дигар ҳуҷҷатҳои ба кор дахлдор.

## b) Тартиботи бақайдгирии давлатии кооперативҳо дар Тоҷикистон

Бақайдгирии давлатии кооперативҳо мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», ки аз т 19 маи соли 2009 қабул шуда аз 1 июли соли 2009 амалӣ гардидааст, анҷом дода мешавад. Мувофиқи ин Қонун бақайдгирӣ бо усули як тиреза анҷом дода мешавад, ки чунин маъно дорад:

- барои бақайдгирии давлатӣ кооператив ҳуҷҷатҳои аз тарафи Қонунгузорӣ пешбинишударо танҳо ба он мақомоте пешниҳод мекунад, ки он бақайдгирии давлатиро иҷро менамояд. Мақомоти салоҳиятдори бақайдгирӣ макомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии (нишонӣ) шахси ҳуқуқӣ мебошанд. Мақомоти бақайдгиранда маълумотро оид ба кооператив дар феҳристи ягонаи давлатӣ ворид карда ба онҳо оид ба бақайдгирии давлатӣ Шаҳодатнома медиҳад.
- Тавассути бақайдгирӣ дар реестри ягонаи давлатӣ ба кооперативҳо рақами ягонаи мушаххас дода мешавад.
- Кооперативҳо ва мақомоти давлатии омор ва суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бо мақсади бақайдгирӣ муроҷиат намекунанд, зеро бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти мазкури андоз маънои бақайдгирии якдафъаинаро дар ин мақомот дорад. Рақами ягонаи мушаххас ҳам дар реестри ягонаи давлатӣ, ҳам барои бақайдгирӣ дар мақомоти давлатии омор ва суғуртаи давлатии иҷтимоиро дорад.

Барои бақайдгирии давлатии кооператив ҳуҷҷатҳоро метавонанд муассисони шахси ҳуқуқӣ ва ё роҳбари мақоми иҷроияи кооператив (раиси кооператив) ва ё дигар шахс пешниҳод намоянд, ки дар асоси боваринома аз номи муассисони кооператив амал мекунад.

**Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирии давлатӣ:**

Барои бақайдгирии давлатии кооператив ҳуҷҷатҳои мазкур пешниҳод карда мешаванд:

1) Ариза барои бақайдгирии давлатӣ. Шакли ариза дар мақомоти бақайдгирӣ тасдиқ карда шудааст. Дар он маълумотҳои мазкур оид ба кооперативи ташкилшаванда нишон дода мешаванд:

- Шакли ташкилӣ-ҳуқуқии кооператив (кооперативи истеҳсолӣ ва ё истеъмолӣ);
- Номи пурраи расмии (дар ҳолати мавҷудияти номи кӯтоҳ) кооператив ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҷои ҷойгиршавии (адреси) кооператив;
- Маълумот оид ба муассисони кооператив ва роҳбари кооператив;
- Навъи асосӣ (намудҳои асосии) фаъолият, ки онро (онҳоро) махсус кооператив анҷом медиҳад, барои мақсадҳои азхудкунии рамзҳои оморӣ;
- Санаи додани ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) пайнавишти маҷлиси муассисон оид ба ташкили кооператив.

3) нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсияти роҳбари мақоми иҷроияи кооперативро тасдиқ менамоянд (Раиси раёсат) дар ҳолате, ки агар ҳуҷҷатҳоро роҳбари мақоми иҷроия медиҳад ва ё нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ менамоянд ва боваринома ба номи шахсияти салоҳиятнок дар ҳолатест, ки агар ҳуҷҷат барои бақайдгирии давлатии кооператив аз тарафи шахси салоҳиятдор ташкил карда мешаванд.

4) ҳуҷҷате, ки шахсияти ҳар як муассиси кооператив (шахси воқеиро) тасдиқ менамояд;

5) барга оид ба пардохти боҷи давлатӣ.

Ба мақсадҳои бақайдгирии давлатӣ оинномаи кооператив ***пешниҳод карда намешавад***.

Ба ғайр аз ин, мувофиқи ин Қонун бо мақсади бақайдгирии давлатии ҳуҷҷати ташкилкунандаи сармояи оинномавӣ талаб карда намешаванд. Ҳуҷҷате, ки тасдиқкунандаи сармояи оинномавӣ ба мақомоте, ки бақайдгирии давлатиро анҷом медиҳанд, дар давоми як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад.

## БОЯД ДАР ХОТИР ДОШТ

Ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатиро тасдиқ мекард, барои кушодани суратҳисобҳо дар муассисаҳои бонкӣ, инчунин тайёр кардани мӯҳр ва чоркунҷамӯҳрҳои шахсони ҳуқуқӣ асос мешавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки санадҳои дигари иловагиро ҳангоми кушодани суратҳисобҳо ва таҳиясозии мӯҳр ***талаб карда намешавад***.

Бақайдгирии давлатии кооператив дар муддати панҷ рӯзи корӣ аз замони пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳо анҷом дода мешавад.

Барои бақайдгирии давлатии ташкилоти тиҷоратии ташкилшуда, аз ҷумла Кооперативи истеҳсолӣ, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» боҷи давлатӣ ба андозаи 25 нишондиҳанда барои ҳисоббаробаркуниҳо пардохта мешавад. Нишондиҳанда барои суратҳисоб ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷет барои соли ҷорӣ муқаррар карда мешавад. Ҳамин тавр, мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар

ТАХРИ ДЕХОТИ ДОРО www.aist.tj

бораи бюджети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли 2010 нишондиҳандаи ҳисоббаробаркунӣ ба андозаи 35 сомонӣ муқаррар карда шудааст. Андозаи боҷи давлатӣ барои бақайдгирии давлатии Кооперативи истеҳсолӣ барои соли 2010 ташкил мекунад: 25 х 35=875 сомонӣ.

Барои бақайдгирии давлатии ташкилоти ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла кооперативи истеъмолӣ, боҷи давлатӣ ба андозаи 7 нишондиҳанда барои ҳисоббаробаркунӣ мебошад (7х35= 245 сомонӣ барои соли 2010).

### в) Андозбандии кооперативҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кооперативҳо мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мешаванд. Маъмулан, кооперативҳо ҳамчун андозсупорандагони бо низоми соддашудаи андозсупоранда андоз месупоранд, зеро даромади аксари кооперативҳои навташкилшуда паст мебошад. Дар роҳнамои мазкур асосан тартиби андозсупории кооператив бо низоми соддашуда баррасӣ мегардад.

**Андозсупорони андоз бо низоми соддашуда,** кооперативҳое мебошанд, ки даромади умумиашон барои давраи гузаштаи на бештар аз 12 моҳи пурраи паиҳамояндаи тақвимӣ (бе андоз аз арзиши иловагӣ ва андоз аз фурӯши чакана) на бештар аз 800 000 сомонӣ бошад. Дар ҳоли маблағи бештар аз ин андоз мувофиқи низоми умумии андозсупорӣ пардохта мешавад.

Кооперативҳое, ки бо низоми соддашудаи андозсупорӣ фаъолият менамоянд, аз пардохти навъи мазкури андоз озод карда мешаванд:

- андоз барои арзиши иловагӣ (18% аз даромади умумӣ),
- андоз барои даромади шахсони ҳуқуқӣ (15 % аз фоида),
- андози минималӣ барои даромад (1 фоиз аз объекти андозбандӣ),
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои мошингард (2 фоиз аз базаи андоз).

**Объекти андозбандӣ даромади умумие мебошад,** ки он дар давраи ҳисоботии андоз (квартал) гирифта шудааст. Даромади умумӣ дар асоси хазинавӣ ҳисоб карда мешавад (оид ба воридшавии амалии воситаҳои пулӣ ва хазина ва (ва ё) суратҳисоби бонкӣ).

**Меъёри андози умумӣ бо низоми соддашуда** 4% аз даромади умумии то андозаи 200 000 сомони ва 5% аз даромади умумии бештар аз 200 000 сомониро ташкил мекунад.

**Давраи (ҳисоботии) андоз** барои андозсупорандагон ҳангоми татбиқи низоми соддашуда квартал мебошад. Дар муддати то рӯзи 15 –уми моҳе, ки баъди давраи гузаштаи ҳисоботии андоз фаро мерасад (15 январ, 15 апрел, 15 июл ва 15 октябр), андозсупор бояд ба мақомоти андоз оид ба маблағи андоз декларатсияро барои пардохт пешниҳод карда андозро супорад.

Ба ғайр аз ин кооперативҳои истеҳсолӣ, ки бо низоми соддашудаи андозбандӣ кор мекунанд, навъҳои мазкури андозро месупоранд:

1. андози иҷтимоӣ;

2. андози замин (агар кооператив истифодабарандаи замин бошад);

3. андоз барои амволи ғайриманқул (агар кооператив соҳиби амволи ғайриманқул бошад).

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

**Андози иҷтимоӣ**

**Меъёри андози иҷтимоӣ** ба андозаи 25% барои суғуртакунандагон (корфармо) ва 1% барои шахсони суғурташаванда (кормандон) мебошад.

Андози иҷтимоӣ ба буҷет якҷоя бо пардохти музди меҳнат ва ё дигар шакли пардохти мехнат ба буҷет пардохта мешавад.

**Андози замин**

**Пардозандагони андози замин** кооперативҳое мебошанд, ки ба онҳо қитъаи замин барои истифодабарии бемӯҳлат ва ё мӯҳлатнок супорида шудааст.

**Объекти андозбандӣ** масоҳати қитъаи замин мебошад.

Ҳаҷми андоз новобаста аз натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ буда ба шакли пардохтҳои устувор барои воҳиди масоҳати замин бо ҳисоббаробаркунӣ нисбати як сол бо индексгузорӣ вобаста ба сатҳи таваррум ҳисоб карда мешавад.

**Меъёри андози замин барои замини шаҳрҳо ва шаҳракҳо ба тариқи мазкур мебошанд:**

- ш. Душанбе—576 сомонӣ аз ҳар гектар,
- ш. Хуҷанд, ш. Қурғонтеппа, ш. Кулоб—432 сомонӣ аз ҳар гектар,
- Шаҳру шаҳракҳои тобеъи ҷумҳурӣ, вилоятӣ ва ш. Хоруғ—288 сомонӣ аз ҳар гектар,
- Дигар шаҳру шаҳракҳо—207 сомонӣ аз ҳар гектар.

**Меъёри андози замини берун аз шаҳрҳо ва шаҳракҳо:**

Меъёри миёнаи андоз аз як гектар замин нисбати минтақаҳои кадастрӣ ва навъи киштзорҳо, ба истиснои заминҳое, ки бо андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ андозбандӣ мешаванд, бо андозаҳои мазкур пешбинӣ шудаанд (бо сомонӣ):

| Навъи замин (киштзор) Номи минтақаи кадастрӣ | Заминҳои корам ва растаниҳои бисёрсола: обӣ/лалмӣ | Чарогоҳ-ҳо | Коҳда-равҳо | Роҳҳо, кӯчаҳо, биноҳои ҷамъиятӣ, ҷангалҳо, майдонҳо, наҳру ҷӯйҳо, ва коллекторҳо | Дигар заминҳое, ки дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзи истифода намешаванд |
|---|---|---|---|---|---|
| **Суғд,** аз ҷумла манотиқи кӯҳӣ | 69,13/12,68 | 2,3<br>4,6 | 4,60<br>6,92 | 8,05<br>6,92 | 1,16<br>0,92 |
| **Ҳисор, аз** ҷумла манотиқи кӯҳӣ | 73,73/29,96 | 4,6<br>4,6 | 5,76<br>5,76 | 6,92<br>5,76 | 1,16<br>0,92 |
| **Рашт** | 59,91/43,78 | 4,6 | 6,92 | 6,92 | 0,92 |
| **Кӯлоб**, аз ҷумла манотиқи кӯҳӣ | 76,04/35,72 | 3,45<br>4,6 | 5,76<br>6,92 | 6,92<br>5,76 | 1,16<br>0,92 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Вахш**, аз ҷумла манотиқи кӯҳӣ | 107,15/25,50 | 2,3<br>4,6 | 4,6<br>4,6 | 8,05<br>5,75 | 1,16<br>0,92 |
| **ВМКБ** (бе минтақаи Мурғоб) | 20,74/9,22 | 2,3 | 3,46 | 3,46 | 0,92 |

Давраи андозбандӣ (хисоботӣ) нисбат ба андози замин соли тақвимӣ шуморида мешавад. **Кооперативҳо** мустақилона ҳисобкунии маблағи андозро барои соли тақвимӣ анҷом дода, ҳисоббаробаркунии мазкурро ба мақомоти маҳаллӣ дар маҳалли ҷойгиршавии қитъаи замин на дертар аз 1 марти соли ҷорӣ ҳисоб карда андозро месупоранд: 1) нисбати заминҳои шаҳру шаҳракҳо—на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри соли ҷорӣ бо натиҷаи афзоянда аз аввали сол ба андозаи мутаносибан на камтар аз 25%, 50%, 75%, 100% маблағи солона; 2) нисбати заминҳои берун аз шаҳру шаҳракҳо—на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри соли ҷорӣ бо натиҷаи афзоянда аз аввали сол ба андозаи мутаносибан на камтар аз 15%, 35%, 60%, 100% маблағи солона.

**Андоз барои амволи ғайриманқул**

**Пардозандагони андоз барои амволи ғайриманқул** кооперативҳое мебошанд, ки соҳибони амволи ғайриманқуланд ва ё кооперативҳое, ки аз ин амвол, ки объекти андозбандӣ мебошанд, истифода менамоянд.

**Базаи андоз** масоҳати ҳамаи қабатҳои амволи ғайриманқул мебошад (ба истиснои иншоот; барои иншоот база масоҳати воқеан бандшуда ва ё қитъаи замини он мебошад), ки бинобар коэффициентҳо тасҳеҳ шудааст.

**Меъёри андоз барои амволи ғайриманқул** ба андозаи зарбшаванда нисбати меъёри андози замин дар ҳудудҳои мазкур муқаррар карда мешавад:

1. биноҳои истиқоматӣ— ба андозаи аз 10-баробар то 20-баробар,

2. амволи ғайриманқуле, ки барои фаъолияти тиҷоратӣ, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ истифода мешавад— ба андозаи аз 20-баробар то 50-баробар;

3. амволи ғайриманқуле, ки ба мақсадҳои дигар истифода мешавад— ба андозаи аз 15-то 40-баробар.

Меъёри андоз нисбати ҷойгиршавӣ, истифодабарӣ, навъи маводи бинокорӣ, ки дар сохтмони амволи ғайриманқул истифода шудааст, дараҷаи фарсудашавӣ ва дигар далелҳое, ки ба арзишмандии амволи ғайриманқул таъсир мерасонанд, ҳисоб карда мешавад.

Давраи андозбандӣ (ҳисоботӣ) нисбат ба андоз ба амволи ғайриманқул соли тақвимӣ ба ҳисоб меравад. Кооперативҳо мустақилона ҳисоббаробаркунии маблағи андозро барои соли тақвимӣ анҷом дода, ҳисоббаробаркунии мазкурро ба мақомоти андоз то 1 феврали соли ҷорӣ пешниҳод ва на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри со-

ли ҷорӣ бо натиҷаи афзоянда аз аввали сол ба андозаи мутаносибан на камтар аз 25%, 50%, 75%, 100% маблағи солона пардохт менамоянд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# 13. МИСОЛҲОИ МУСБАТИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ФЕРМЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



Новобаста аз он, ки кооператсияи кишоварзи барои мустаҳкам кардани неруи иқтисодӣ, рақобатпазирӣ ва мақоми иҷтимоии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, беҳтар кардани шароити кишоварзӣ ва ташкили ҳавасмандӣ нисбат ба рушди маҳсулоти молӣ аҳамияти зиёд доранд, инкишофи он дар Тоҷикистон ҳоло дар зинаҳои ибтидоӣ қарор дорад. Кооперативҳои кишоварзӣ асосан дар минтақаҳои бузурги кишоварзӣ хеле зиёд мебошанд.

Дар истеҳсолоти кишоварзии ҶТ Кооператсия асосан дар шакли кооперативҳои истеҳсолӣ фаъолият менамоянд. Бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» базаи ҳуқуқии шаклгирӣ ва амали кооперативҳои истехсолӣ таҳия гардид. Кооперативҳои истеҳсолӣ, маъмулан, якчанд вазифаро мувофиқи самти фаъолияташон иҷро менамоянд. Дар навбати аввал ба фаъолияти нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда машғул мебошанд.

Кооперативҳои истеъмолӣ бо фаъолияти таъминотӣ-фурӯшӣ сарукор доранд. Дар баробари кооперативҳои кишоварзӣ вазифаи хизматрасонии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермериро) низоми матлуботии аз замони шӯравӣ боқимонда бо роҳбарии *Тоҷикматлубот* анҷом медиҳад.

Новобаста аз мавҷудияти шумораи зиёди кооперативҳои ба қайдгирифташуда дар ҶТ, таҷрибаи кори кооперативхои амалкунанда оид ба рушди бобарори ҳаракати кооперативӣ дар ҷумҳурӣ далолат менамояд.

Мисоли рушди бобарори Кооператсия дар ҶТ **Кооперативи истеҳсолии «Дурахшон» мебошад**, ки дар ноҳияи **Конибодом аз тарафи панҷ хоҷагии деҳқонии дар ҳудуди як маҳалли аҳолинишин ҷойгир шудааст, ташкил гардидааст**.

Кооператив 23 марти соли 2007 ташкил гардида навъи асосии фаъолияти он – таъмини аъзоёни кооператив бо маводи сӯзишворӣ мебошад. Ба ғайр аз ин кооператив бо таъмири техникаи кишоварзии аъзоён кооператив низ машғул мебошад.

Кооператив аз панҷ нафар иборат буда (як нафарӣ аз ҳар як хоҷагии деҳқонӣ) дар ҳайати раис, муҳосиб ва се нафар таъминотчӣ фаъолият мекунад. Кооператив аъзоёнашро бо ма-

води сӯзишворӣ таъмин менамояд, ки ин чандин маротиба хароҷоти аъзоёни кооперативро нисбати харидории маводи сӯзишворӣ кам кардааст. Кооператив ҳаҷми зарурии маводро бо нархҳои яклухт бевосита аз воридкунандагони калон мехаранд. Ҳоло кооператив барои расонидани маводи сӯзишворӣ аз Федератсияи Россия шартнома дорад. Қисми асосии маводи сӯзишворӣ аз минтақаи Тюмен бо роҳҳои таъиншудаи воридот расонида мешавад. Яке аз воридкунандагон доимо дар ш. Тюмен буда воридотро таъмин менамояд. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки чандин маротиба хароҷоти аъзоёни кооператив барои харидории маводи сӯхт ва дигар намуди сӯзишворӣ кам шуда, дар навбати худ хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ихтисор намоянд.

Аз замони ташкили кооператив ягонто аз хоҷагиҳо дар маводи сӯзишворӣ камбудӣ надоранд. Кооператив на танҳо аъзоёни худро таъмин менамоянд, балки боқимондаҳои ГСМ-ро ба дигар хоҷагиҳои ноҳия фурӯхта, бо ин роҳ фоидаи кооперативро, ки барои васеъ кардани фаъолияти кооператив ва ҳалли масъалахои иҷтимоӣ сарф мешаванд, зиёд менамояд.

Боз яке аз мисолҳои дигари фаъолияти ин кооператив истифодаи якҷояи техникаи кишоварзӣ аз тарафи аъзоёни кооператив мебошад. Аъзоёни кооператив якҷоя техникаи панҷ хоҷагиро, ки иборат аз се трактори тасмачарх ва шаш трактори чархадор, шаш адад автомашина ва нӯҳ тележкаи трактор мебошад, истифода менамоянд.

Тармими техникаи кишоварзии хоҷагиҳо то вақтҳои охир аз тарафи бригадаи тармимгарон, ки бо онҳо кооператив шартномаҳои алоҳида бастааст, анҷом дода мешавад, ки ба ин тариқ хеле хароҷоти хоҷагиҳоро барои тармим кам кардааст. Аз моҳи маи соли 2009 бригадаи тармимгарон дар басти кооператив ҳамроҳ карда шуда хизматрасониҳои пулакиро инчунин ба дигар хоҷагиҳои деҳқонӣ барои тармим ва тармими беҳдоштии техникаи кишварзӣ анҷом медиҳанд.

Аз рӯи натиҷаҳои кор барои соли 2008 кооператив фоидаро ба андозае, ки он аз фонди саҳмиявии кооператив чандин маротиба зиёд аст, ба даст овардааст. Фаъолияти бобарори кооператив ба он имконият медиҳад, то аъзоёни нав ҷалб карда шаванд. Дар маҷлиси навбатии умумии кооператив баррасии аризаи се хоҷагии деҳқонӣ («Тендик», «Мадина» ва «Мирсаид- саркор») дар бораи ба узвияти кооперативи мазкур қабул кардан ворид гардид. Ҳоло кооператив васеъ кардани бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзиро ба аъзоёни кооператив баррасӣ менамояд.




Боз як мисоли бобарори ҷамъияти ғайрирасмии **фермерӣ иттиҳодияи бо иштироки ТҒҶ «Ғамхорӣ» ташкилшуда мебошад**, ки он фаъолияти худро дар тамоми минтақаи вилояти Хатлон паҳн кардааст, мебошад. ТҒҶ «Ғамхорӣ» 16 гурӯҳи ғайрирасмии фермерӣ ташкил кардааст. Яке аз чунин гурӯҳҳо

гурӯҳи **фермерон «Олимхон» мебошад**, ки дар ҷамоати **Сарвати Истиклоли ноҳияи Бохтар дар соли** 2009 ташкил шудааст, мебошад. Гурӯҳи мазкур 15 фермерро муттаҳид менамояд. Мақсади асосии гурӯҳ иборат аз пайдо кардани дастрасӣ ба маълумот оид ба технологияи парвариши лимон, методҳои мубориза бо бемориҳо ва ҳашароти зараррасони он мебошад. Ба ғайр аз ин аз тариқи муттаҳидшавӣ фермерон бо муассисаҳои хизматрасон, ба монанди ташкилоти хизматрасони «Сельхозхимия» дар соҳаи мубориза бо бемориҳо ва ҳашароти зараррасон алоқаҳо барқарор кардаанд. Инчунин бо воридкунандагони пардаи полиэтилии олисифат ва кафолатнок робита барқарор кардаанд. Дар натиҷаи фаъолияти якҷоя аъзоёни гурӯҳ бамаротиб нархи аслии маҳсулотро паст ва ҳосилнокиро баланд кардаанд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# ХУЛОСА

Ҳолати рушди иттиҳодияҳои фермериро дар ҷумҳурӣ умуман таҳлилу баррасӣ карда метавон хулоса намуд, ки рушду инкишофи онҳо ҳоло дар зинаи аввал қарор дорад.

Ба омилҳое, ки рушду инкишофи кооперативи деҳот монеа эҷод мекунанд, мансубанд:

- имконоти пасти соҳибкории аҳолии деҳот,
- сатҳи нокофии дониши аҳолии деҳа оид ба иттиҳодияҳо,
- камбуди малакаи идоракунии хоҷагидорӣ,
- ноомодагии равонӣ нисбати барқарор кардани кооператсия ва ҳамкориҳо,
- набудани кадрҳои ихтисосманд, ки дар рушди кооперативҳои кишоварзӣ мусоидат карда, дар кооператив кор карда тавонанд ва набудани низоми ягонаи тайёр кардани онҳо,
- набудани адабиёти методӣ ва маълумоти мавриди зарурат.

Яке аз сарчашмаҳои асосии рушди бобарори иттиҳодияҳои фермерӣ, хусусан кооперативҳои кишоварзӣ чораҳо оид ба таъмини дастрасии онҳо ба бозори хизматрасониҳои машваратӣ ва иттилоот мебошад.

Дар чунин шароит талабот ба хизматрасонии мушовирон хеле назаррас ва зиёд ба назар мерасад. Талабот ба агентиҳои машваратӣ ва ё мушовирони мустақили маҳаллӣ зиёд буда, онҳо метавонанд дар рушди сектори кишоварзӣ нақши назаррас ва муассир дошта бошанд. Мушовирон лозим аст, ки заҳнати зиёдро сарф намоянд, то кооператсия дар деҳот ба рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат намояд, соҳаи аграрӣ, иқтисодиёт инкишоф намуда сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот паст карда шавад. Барои он, ки кори мазкурро мушовирон анҷом диҳанд, онҳо бояд раванди мазкурро мулоҳиза карда тамоми нозукиҳои корҳои ташкилии иттиҳодияҳои фермерӣ ва татбиқи фаъолияти ояндаи онҳоро бояд омӯзад.

Рушди ҳаракати кооперативӣ метавонад ба рушди талабот дар хадамоти машваратӣ мусоидат кунад. Нақши мушовирон дар ташкили иттиҳодияни алоқаҳо бо сохторҳои гуногун, баланд бардоштани малакаҳои идоракунӣ, банақшагирӣ, рушди роҳбарӣ, омӯзиши аъзоёни кооператив хеле муҳим ва ҳалкунанда мебошанд.

Хизматрасонии машваратии пулакӣ метавонад умуман ба устувории дарозмуддати хадамоти машваратӣ таъсири мусбат расонад.

www.aist.tj

Замимаи 1

**Протоколи (пайнавишти)**

**маҷлиси умумии ташкилии Муассисиони кооперативи истеҳсолӣ «________________»**

ш. Душанбе «__»____________сол.

Муассисони мазкури кооператив иштирок доштанд:

(ФИО) ______________________________________________

(ФИО) ______________________________________________

(ФИО) ______________________________________________

(ФИО) ______________________________________________

(ФИО) ______________________________________________

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Таъсиси кооперативи истеҳсолии «_____________________».
2. Қабул ба узвияти кооператив.
3. Тасдиқи Оинномаи кооперативи истеҳсолии «_____________».
4. Интихоботи раиси кооперативи истеҳсолии «_____________».

1. Аз рӯи масъалаи якуми рӯзнома баромад карда ________________ пешниҳод намуд, ки кооперативи истеҳсолии «________________» ташкил карда шавад.

Аз рӯи масъалаи якум ҳама якдилона овоз дода қарори мазкур қабул карда шуд:

Кооперативи кишоварзии истеҳсолии «_________________» ташкил карда шавад.

2. Аз рӯи масъалаи дуюм баромад карда _________ гуфт, ки ба гурӯҳи ташаббускор оид ба қабул ба узвияти кооператив аз _________ нафар ариза расидааст. Ҳамаи онҳо дар маҷлис иштирок доранд. Ҳамаашон ҳаққи узвияти саҳмиявии ҳатмиро пардохта, ҳама ҳамдигарро хуб мешиносанд ва ба ҳамдигар боварӣ доранд. Пешниҳод кард, ки ҳамаи онҳо ба узвияти кооператив қабул карда шаванд.

Овоз доданд: «тарафдор» - ____ нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Қарор карданд: ба узвияти кооперативи истеҳсолии «_____________» қабул карда шаванд:

(ФИО) ______________________________________________

(ФИО) ______________________________________________

(ФИО) ______________________________________________

(ФИО) ______________________________________________

3. Аз рӯи масъалаи сеюм ______________ баромад кард. ӯ қайд кард, ки ба ҳамаи муассисон лоиҳаи оиннома тақсим карда шудааст. Аз баъзе нафарон таклифу пешниҳодот ворид гардид, ки ба назар гирифта шудааст. ӯ таклиф кард, ки Оинномаи кооперативи истеҳсолии «______________________» тасдиқ карда шавад.

Овоздиҳӣ: «тарафдор» ___ нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Қарор карданд: таҳрири пешниҳодшудаи Оинномаи кооперативи истеҳсолии «_____________________» қабул карда шавад.

4. Дар масъалаи чорум ______________ бо таклифи ба ҳайси Раиси кооперативи истеҳсолӣ«_________» интихоб кардани ___________(ФИО) баромад кард.

Дигар пешниҳодҳо ворид нашуданд.

Овоздиҳӣ: «тарафдор» - ________ нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Қарор карданд: ба ҳайси Раиси кооперативи истеҳсолии «__________» ___________ФИО интихоб карда шавад.

ИМЗО:

________________

________________

________________

Раиси маҷлис _____________________ /_______________________

Котиби маҷлис _____________________ /_______________________

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

Замимаи 2

ОИННОМАИ КООПЕРАТИВИ ИСТЕҲСОЛӣ

«Тасдиқ мекунам»

Бо қарори Маҷлиси

умумии муассисон

Пайнавишти №1

аз «__»_________соли 200__

ОИННОМАИ

Кооперативи истеҳсолӣ

«_________»

ш Душанбе

«___»_________с.

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӣ

1.1. Кооперативи истеҳсолии «_________», ки мунбаъд "Кооператив" номида мешавад, иттиҳодияти ихтиёрии шаҳрвандон дар асоси узвият барои фаъолияти якҷояи истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидории дар асоси иштироки шахсии меҳнатии аъзоёни кооператив ва ҳаққи узвияти амволии аъзоёни кооператив ташкил шудааст, мебошад.

1.2. ОИННОМАИ мазкури кооператив мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, аз тарафи аъзоёни маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив мувофиқи Пайнавишти №1 аз «__» _________ соли 200__ тасдиқ карда шудааст.

Аъзоёни Кооператив:

(ФИО) ________________________________________________

(ФИО) ________________________________________________

(ФИО) ________________________________________________

(ФИО) ________________________________________________

1.3. Номи расмии Кооператив:

Ба забони тоҷикӣ: Кооперативи истеҳсолии «___________».

Ба забони русӣ: Кооперативи истеҳсолии «_________».

1.4. Нишонии ҳуқуқӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи______________

1.5. Мӯҳлати фаъолияти Кооператив маҳдуд нест.

## 2. МАҚСАД ВА НАМУДИ ФАЪОЛИЯТИ КООПЕРАТИВ

2.1. Кооператив ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки мақсади асосии он гирифтани фоида мебошад.

2.2. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти ҳуқуқӣ дошта, намудҳои гуногуни фаъолиятро, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нагардидааст, анҷом медиҳад.

2.3. Кооператив намудҳои мазкури фаъолиятро анҷом медиҳад:

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

ва дигар намуди фаъолият, ки бо Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нагардидааст.

2.4. Ҳуқуқи Кооператив барои татбиқи фаъолият, ки барои донистани онҳо гирифтани лисензия зарур аст, аз замоне гирифтани лисензияи мазкур ва ё аз замони санае, ки дар лисензияи мазкур нишон дода шудааст, оғоз гардида бо ба охир расидани мӯҳлати амали лисензияи мазкур қудрати ҳуқукиашро аз даст медиҳад, агар дигар шарт бо қонунгузорӣ ва ё дигар санади меъёрӣ муайян нашуда бошад.

## 3. МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ КООПЕРАТИВ

3.1. Кооператив мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқукӣ мебошад. Мақоми ҳуқуқии Кооперативро қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ОИННОМАИ мазкур муқаррар менамояд.

3.2. Кооператив дорои амволи худ мебошад. Кооператив бо ӯҳдадориҳо ва амволи худ, аз ҷумла воситаҳои асосиаш ҷавобгар мебошад. Аъзоёни Кооператив аз рӯи ӯҳдадориҳои Кооператив ҷавобгарии муштарак доранд. Кооператив аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзоёнаш ҷавобгар намебошад.

3.3. Барои татбиқи фаъолияти хоҷагидорӣ Кооператив ҳуқуқ дорад:

- мустақилона фаъолияти хоҷагидорӣ, молиявӣ, тиҷоратии худро ба нақша гирад;
- мустақилона бинобар талаботи қонунгузорӣ барои маҳсулоти истеҳсолкарда, амволи хусусӣ ва хизматрасониаш мувофиқи талаботи қонунгузорӣ нарх гузорад;
- воситаҳои шахсии худро ба фаъолияти корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ ва ташкилот маблағгузорӣ намояд;
- барои татбиқи корҳои гуногун мутахассисони ватанӣ ва хориҷиро ҷалб намояд;
- мустақилона низом, шакл ва андозаи пардохти музди меҳнати аъзоён ва кормандонашро анҷом диҳад;
- тамоми намуди муомилот ва дигар амалиёти ҳуқуқии аз тарафи қонунгузорӣ манъ набударо анҷом диҳад.

3.4. Кооператив аз номи худ чун молики ҳуқуқҳои ғайримолӣ ва амволӣ ӯҳдадорӣ дошта, дар судҳо ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад карда метавонад.

3.5. Кооператив бо тартиби муқарраршуда ҳуқуқ дорад, ки дар ташкилоти қарзии дохилии ҷумҳурӣ ва берун аз он суратҳисоб дошта бошад.

3.6. Кооператив дорои мӯҳри мудаввар бо номи расмии Кооператив, бланк ва нишон мебошад.

3.7. Кооператив метавонад ба таркиби иттиҳодияҳо, ассосиатсияхо дохил шуда аз онҳо бароянд.

3.8. Кооператив дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қонунгузории хориҷӣ филиалҳо ва намояндагиҳояшро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он кушояд.

## 4. ФОНДИ САҲМИЯВИИ КООПЕРАТИВ

4.1. Фонди саҳмиявии кооператив дар лаҳзаи таъсисшавиаш ба андозаи ___________________ (___________________________________) сомонӣ ташаккул дода шуда, ба саҳмияҳое тақсимбандӣ карда шудааст, ки ба онҳо таври мазкур гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

1. ___________________________________________ маблағи ______________ (________________________________) сомониро ворид менамояд, ки ин ба __% фонди саҳмия дахл дорад;
2. ___________________________________________ маблағи ______________ (________________________________) сомониро ворид менамояд, ки ин ба __% фонди саҳмия дахл дорад;
3. ___________________________________________ маблағи ______________ (________________________________) сомониро ворид менамояд, ки ин ба __% фонди саҳмия дахл дорад;
4. ___________________________________________ маблағи ______________ (________________________________) сомониро ворид менамояд, ки ин ба __% фонди саҳмия дахл дорад;

4.3. Иштирокчӣ, ки пурра саҳмияро дар мӯҳлати бо ОИННОМАИ мазкур, қонунгузории амалкунанда ва ё қарор маҷлиси умумии иштирокчиён муқарраршуда напардохтааст, метавонад аз ҳисоби Кооператив бо қарори якдилонаи иштирокчиёни Кооператив, ки ба лаҳзаи қабули қарор ӯҳдадориҳояшро нисбати пардохтани ҳаққиузвияти саҳмиявашон иҷро намудаанд, бароварда шавад.

4.5. Иштирокчиёне, ки аз таркиби Коопертив мувофиқи асосҳои дар банди 4.3 пешбинишудаи ОИННОМАИ мазкур баромадаанд, амвол ва воситаҳои пулии онҳо, ки ба сифати пардохти қисмии ҳаққи узвияти саҳмиявии худ ворид кардаанд, на дертар аз 6 (шаш) моҳи баъди қабули қарор оиди аз ҳайати Кооператив бароварда шудани иштирокчӣ баргардонида мешаванд. Масъалаи баргардонии амвол ва воситаҳои пулӣ, ки онро иштирокчӣ бо дигар

асос ворид кардааст, мувофиқи шартномаҳое, ки байни иштирокчӣ ва кооператив бинобар интиқоли амвол ва воситаҳои мазкур пешбинӣ шудааст, ҳаллу фасл мегардад.

4.6. Ҳар як иштирокчӣ ҳангоми қабули қарор дар маҷлиси умумӣ дорои як овоз мебошад.

5. Ҳуқук ва ӯҳдадориҳои аъзоёни кооператив

5.1. Аъзоёни Кооператив шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 16-сола расида имконияти бо меҳнати худ дар иҷрои мақсад ва вазифаҳои Кооператив иштирок карданро доранд, мебошанд.

5.2. Шахсоне, ки узви Кооператив шудааст, саҳмияи худро ба амволи коллективӣ ворид менамояд.

5.3. Аъзоёни Кооператив ҳуқуқ доранд:

- дар фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайраи хоҷагидории Кооператив иштирок намояд.

- бо ҳуқуқи як овоз дар қабули қарорҳои маҷлиси умумии Кооператив иштирок намояд;

- дар идоракунии корҳои Кооператив иштирок карда ба мақомоти идоракунӣ ва назорати Кооператив интихоб шавад ва онҳоро интихоб намояд;

- оид ба фаъолияти кооператив маълумоти пурра гирад;

- ҳиссаи фоидаи кооперативро, ки мансуби тақсимкунӣ дар байни аъзоён мебошад, инчунин дигар пардохтҳоро гирад;

- аз имтиёз ва афзалиятҳои дар кооператив барои аъзоёнаш муқаррар шудаанд, истифода намояд;

- бо хоҳиши худ аз кооператив баромада пардохтҳои бо ОИННОМАИ кооператив пешбинишударо гирад;

- барои пардохти музди меҳнат, истироҳат, суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ дорад;

- ба суд ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои худ муроҷиат намояд;

- барои муҳокима масъалаҳои барои беҳтар кардани фаъолияти Кооператив равона гардидааст, бароварда камбудиҳои кори мақомоти он ва шахсони мансабдори Кооперативро ислоҳ намояд;

-ба суд бо масъалаи муқаррар кардани нодуруст қабул шудани қарори маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив, Мудирият ва дигар мақомоти Кооператив, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашонро маҳдуд менамоянд, муроҷиат намояд.

5.4. Аъзоёни Кооператив ӯҳдадоранд:

- дар давоми сол баъди қабул ба Кооператив пурра ҳиссаи саҳмияи худро ворид намоянд.
- муқарраротИ ОИННОМАИ Кооперативро риоя намояд;
- қарорҳои маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив ва мақомоти Раёсати Кооперативро иҷро намояд;
- шахсан дар фаъолияти Кооператив иштирок намояд;
- ҷавобгарии субсидиариро аз рӯи ӯҳдадориҳои кооператива ба андоза ва тартибҳои дар ОИННОМАИ Кооператив муқарраргардида ба ӯҳда гирад;
- қоидаи тартиботи дохилӣ, қоидаи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро риоя намояд;

- нисбати амволи Кооператив беэътиноӣ накунад, бо амалҳои худ ба Кооператив ва дигар аъзоёни Кооператив зиён нарасонад;
- маълумоти сирри тиҷоратии Кооператив бударо ошкор накунад.

5.5. Аъзои кооператив ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ аз Кооператив барояд. Дар ин ҳолат ба ӯ нархи саҳмияи ӯ пардохта шуда ва ё амволе, ки ба андозаи саҳмияаш баробар аст, дода мешавад, инчунин қисме аз музди меҳнат, ки барои вақти кор карданаш пардохта мешавад. Додани саҳмия ва ё дигар амвол ба шахси аз Кооператив баромадаистода, танҳо баъди ба охир расидани соли молиявӣ ва тасдиқ кардани тавозуни муҳосибавӣ ба вуҷуд меояд.

5.6. Дар ҳолати баромадани аъзои Кооператив ӯ бояд аз азми худ Раёсати кооперативро ду моҳ пеш огоҳ намояд. Баъди ба охир расидани ду моҳ аъзои Кооператив, ҳуқуқ дорад огоҳномаашро баргардонида гирад.

5.7. Узвият дар Кооператив баъди ба охир расидани ду моҳ аз замони расидани огоҳномаи хаттӣ аз аъзои Кооператив дар бораи аз Кооператив баромаданаш барҳам мехӯрад. Раёсати Кооператив ӯҳдадор мешавад, ки ба аъзои пештара аз рӯзи аз аъзогӣ баромаданаш дафтарчаи меҳнатӣ дода, бо ӯ мувофиқи тартиби дар ОИННОМА муқарраршуда ҳисоббаробаркунӣ намояд.

5.8. Аъзои Кооператив метавонад аз он бо қарори Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив дар ҳолатҳои мазкур хориҷ карда шавад:

- агар аъзои Кооператив дар мӯҳлати муқарраршуда бо ОИННОМАИ мазкур саҳми пулиро надодааст;
- муқаррар шудани ситонидани саҳми аъзои кооператив аз рӯи қарзҳои шахсиаш, ки бинобар кам будани амволи шахсии ӯ барои пӯшонидани қарзҳои мазкур;
- мунтазам иҷро накардан ва ё дуруст иҷро накардани ӯҳдадориҳои дар ОИННОМАИ Кооператив муқарраргардида;
- бинобар узвият дар дигар кооперативҳо.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

5.9. Қарори аз узвият хориҷ кардани узви Кооперативе метавонад бо қарори суд барҳам дода шавад.

5.10. Аъзои Кооператив ҳуқуқ дорад ба дигар аъзои Кооператив саҳм ва ё қисми онро диҳад. Додани саҳм ва ё қисме аз он ба шаҳрванде, ки узви Кооператив намебошад, танҳо дар асоси қарори Маҷлиси умумии Кооператив ва розигии тамоми аъзоён ба вуҷуд меояд.

5.11. Аъзои Кооператив дорои ҳуқуқи имктиёзноки харидани саҳми дигар кас ва ё қисме аз он мебошад.

5.12. Додани саҳм ва ё қисме аз он бо тартиби муқарраркардани Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив анҷом дода мешавад.

5.13. Дар ҳолати марги аъзои Кооператив ворисони ӯ метавонанд бо розигии ҳамаи аъзоёни кооператив ба узвияти он дохил шаванд. Дар ҳолате, ки агар ворисони узви фавтидаи Кооператив ба узвият қабул нашванд, ба онҳо нархи саҳми узви фавтидаи кооператив пардохта мешавад.

5.14. Муқаррар кардани ситонидани саҳми узви Кооператив танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар барои қонеъ кардани талаботи қарздеҳон амволи шахсии ӯ кифоя набошад.

5.15. Баҳсҳои байни аъзоёни Кооператив, байни аъзоён ва Кооператив бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд. Агар баҳсҳои мазкур бо роҳи гуфтушунид ҳал нашаванд, ҳар як тарафи баҳс онҳоро метавонад ба тартиби судӣ онро ҳал намояд.

## 6. АМВОЛИ КООПЕРАТИВ. ФОНДИ АМОНАТИ ПУЛӢ

6.1. Кооператив ҳуқуқ дорад, ки дар соҳибияташ ҳамагуна амвол ба истиснои амволе, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ муқаррар гардидааст, дошта метавонад.

6.2. Амволи Кооператив аз ҳисоби ҳаққиузвияти саҳмиявии аъзоёни Кооператив, даромад аз фаъолияти он, қарзҳо, мол ва амвол, ки онро ба сифати эҳдои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад, инчунин аз ҳисоби дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташаккул меёбад.

6.3. Амволе, ки дар моликияти Кооператив қарор дорад, ба андозаи ҳаққи узвияти саҳмиявии аъзоёнаш тақсим мешавад. Ҳаққи узвияти саҳмиявӣ ҳиссаи аъзои кооператив буда, бо фоиз ифода мегардад.

6.4. Ба ҳайси ҳаққи узвияти саҳмиявӣ метавонанд ҳисоб шаванд: воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, чиз, ҳуқуқҳои амволӣ, аз ҷумла ҳуқуқи истифодабарии замин, ҳуқуқ барои натиҷаҳои фаъолияти ақлӣ ва дигар амволе, ки онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ намекунад.

6.5. Андозаи ҳаққи узвияти саҳмиявии ҳар аъзои Кооперативро маҷлиси умумии аъзоён Кооператив муқаррар менамояд.

6.6. Кооператив ҳуқуқ надорад, ки акция ва ё дигар коғази қиматнок барорад.

6.7. Ҳаққи узвияти саҳмиявии фонди оинномавии Кооперативро ташкил мекунанд. Фонди оинномавии Кооператив андозаи минималии амволи Кооперативро муайян менамояд, ки барои қонеъ кардани қарздорон зарур аст. Фонди оинномавӣ бояд комилан дар давоми соли якуми фаъолияти Кооператив ташаккул дода шавад.

6.8. Дар кооператив метавонад фондҳои тақсимнашаванда ташаккул дода шаванд. Қарор оид ба ташкили Фонд бо овоздиҳии якдилонаи маҷлиси умумии аъзоён Кооператив қабул карда мешавад.

6.9. Амволе, ки фонди тақсимнашавандаи Кооперативро ташкил медиҳад, ба саҳмияҳои аъзоён кооператив дохил намешавад. Амволе, ки ба фондҳои тақсимнашаванда дохил мешаванд, барои мақсадҳои умумӣ истифода мегарданд.

6.10. Кооператив инчунин ҳуқуқи ташкил кардани фондҳои дигари махсусро дорад. Намуд, мақсад ва тартиби ташкили фондҳо бо қарори маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив қабул карда мешавад.

## 7. ТАҚСИМКУНИИ ФОИДАИ КООПЕРАТИВ

7.1. Тақсимкунии фоидаи Кооператив байни аъзоён вобаста ба андозаи ҳаққи узвияти саҳмиявии аъзои Кооператив анҷом дода мешавад. Мувофиқи қарори маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив қисме аз фоидаи Кооператив метавонад байни коргарони иҷоравии он тақсим карда шавад.

7.2. Фоидаи Кооператив, ки баъди пардохтани ҳамаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ боқӣ мемонад, пурра дар ихтиёри Кооператив боқӣ монда онро дар маҷлиси умумии аъзоён ба мақсадҳои бо оинномa пешбинишуда сарф менамоянд

## 8. ИДОРАКУНӢ ДАР КООПЕРАТИВ

8.2. Мақоми олии идории Кооператив Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив мебошад.

8.3. Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив дар мавриди иштироки бештар аз 50% аъзоёни Кооператив соҳибҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Ҳар як аъзои кооператив бо роҳи қабули қарори маҷлиси умумӣ як овоз дорад. Аъзои кооператив, ки то охир саҳмияи ҳаққи узвияти худро напардохтааст, ҳуқуқи иштирокро дар маҷлиси умумии аъзоёни кооперативро надорад.

8.4. Маҷлиси умумии аъзоён кооператив аз рӯи масъалаҳои баррасишуда дар ҳудуди салоҳияташ бо аксарияти оддии овози шумораи умумии аъзоёни кооператив қарор баровварда иҷрои онро назорат менамояд.

8.5. Қароре, ки дар маҷлиси умумии аъзоён кооператив қабул мегардад дар Пайнавишти маҷлиси умумии аъзоёни кооператив дарҷ карда мешавад.

8.6. Аз ҷимлаи салоҳияти истисноии маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив ба ҳисоб меравад:

1) қабул ва ворид карадани тағйирот ба ОИННОМАИ кооператив;

2) қабул ва хориҷ кардани азоёни кооператив;

3) тасдиқи Регламенти маҷлиси умумии аъзоёни кооператив;

4) муқаррар кардани андозаи пардохти музди меҳнати аъзоёни кооператив;

5) ташкил ва ё барҳам додани салоҳияти мақомоти иҷроияи кооператив;

6) муқаррар кардани фондҳо ва захираҳои кооператив ва тартиби истифодаи онҳо;

7) муқаррар кардани тартиби дохилии кооператив, тартиби пардохти музди меҳнати аъзоён ва коргарони кирояи кооператив;

8) ташкил ва барҳам додани филиалҳо ва намояндагиҳои кооператив; ҳалли масъалаҳо оиди иштироки кооператив дар хоҷагиҳои ҳамшарикӣ ва ташкилотҳо, инчунин оиди воридшавии кооператив ва ба иттиҳодияҳо (Ассосиатсия, иттифоқҳо);

9) ҳал кардани масъалаи ҷорӣ кардани ҳаққи узвияти иловагӣ;

10) тасдиқи ҳисоботи солона ва тавозунҳои муҳосибавии кооператив, тақсими хароҷоти фоидаи он;

11) қарор оиди таҷди сохтор ва ё барҳамхурии кооператив;

12) шунидани ҳисоботи раёсати (раис) кооператив;

13) интихоби комиссии ревизионнии (ревизори) кооператив, барҳам додани салоҳияти аъзоён.

8.7. Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив бинобар зарурат даъват шуда, на камтар аз ду дафъа дар як сол гузаронида мешавад.

8.8. Ба аъзоёни кооператив бояд даъватномаи хаттӣ оид ба даъват шудани Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив на дертар аз 10 рӯз то даъвати Маҷлиси умумии аъзоён кооператив фиристода мешавад. Огоҳнома бояд маълумоти мазкурро дар бар гирад:

1) рӯз, ҷой ва вақти баргузории Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив;

2) рӯзномаи Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив;

8.9. Маҷлиси умумии аъзоёни Кооперативро Раиси Кооператив ва ё аъзои Раёсати Кооператив, котиби Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив, ки яке аз аъзоёни Раёстаи Кооператив мебошад, мегузаронад

8.10. Пайнавишти Маҷлиси умумии аъзоёни кооперативро Раиси Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив дар давоми се рӯз имзо менамояд.

8.11. Дар давоми сол байни маҷлисҳои умумии аъзоёни кооператив метавонанд маҷлисҳои ғайринавбатии умумии аъзоёни кооператив гузаронида мешаванд. Маҷлисҳои умумии аъзоёни Кооператив даъват мешаванд:

- бо ташаббуси Раиси Кооператив;
- бо ташаббуси Раёсати Кооператив ва ва ё аъзоёни Раёсат;
- бо ташаббуси комиссияи ревизионӣ (ревизори) Кооператив;

8.12. Қарори Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив, ки бо тартиби дар ОИННОМА муқарраршуда қабул шуда аст, барои ҳамаи аъзоёни кооператив ҳатмист, аз ҷумла барои онҳое, ки дар овоздиҳӣ бо сабабҳои гуногун иштрок накардаанд.

8.13. Мақоми иҷроияи Кооператив Раёсати Кооператив мебошад. Роҳбарии ҷории кори Кооперативро раёсати кооператив ба ӯҳда дорад.

8.14. Раёсати Кооператив ба мӯҳлати ду сол ва таркиби на камтар аз се шахс аз тарафи маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив интихоб мегардад. Раиси Кооператив аъзои Раёсати Кооператив мебошад. Раиси Раёсатро маҷлиси умумии аъзоён Кооператив интихоб менамояд. Раиси кооператив аз номи кооператив бе боваринома амал карда салоҳияти мазкур дорад:

- самтҳои асосии фаъолияти Кооперативро муқаррар менамоянд;
- нақшаҳои ҷорӣ ва дурнамои корро баррасӣ менамояд;
- иҷрои нақшаҳои фаъолияти Кооперативро таъмин менамояд;
- қоида, тартиб ва дигар ҳуҷҷати дохилии Кооперативро тасдиқ карда сохтори ташкилии Кооперативро муқаррар менамояд;
- иҷрои қарорҳои Маҷлиси умумии кооперативро таъмин менамояд;
- амволи Кооперативро дар ҳудудҳои муқаррар кардаи Маҷлиси умумӣ ва Оинномаву қонунгузорӣ роҳбарӣ менамояд;
- ҷадвали бастии Кооператив, инчунин филиалҳо ва намояндагиҳои онро тасдиқ менамояд;
- коргаронро ба кор қабул ва аз кор хориҷ менамояд;
- бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ, ОИННОМА ва Маҷлиси умумии иштирокчиён коргарони Кооперативро ҳавасманд карда ба онҳо муҷозот муқаррар менамояд;
- оид ба сафарҳои хизматӣ қарор қабул менамояд;
- Кооперативро дар ҳамаи муассиса, корхона, ташкилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он намояндагӣ менамояд;
- ба бонкҳо суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ, асъорӣ ва ё дигари Кооперативро кушода, шартнома баста дигар навъи муоилотро анҷом медиҳад;
- нархи шартномавиро барои маҳсулот ва хизматрасонӣ тасдиқ менамояд;
- ҳисобдории мухосибавӣ ва ҳисоботро ташкил менамояд;
- барои тасдиқ дар Маҷлиси умумии иштирокчиён ҳисоботи солона ва тавозуни Кооперативро пешниҳод менамояд;
- аз рӯи масъалаҳои дигари Кооператив қарор қабул менамояд.

Ба вазифа таъин ва озод кардани сармуҳосиб, роҳбарони филиал ва намояндагиҳо, инчунин шахсоне, ки дорои ҳуқуқи имзои ҳуҷҷатҳои молиявиро доранд, аз тарафи раиси раёсат бо тасдиқи Маҷлиси умумии иштирокчиён анҷом дода мешаванд.

Раиси Кооператив ҷавобгарии шахсиро назди Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив барои иҷрои тамоми ваколатҳояш дорад.

8.15. Раёсати Кооператив дар ҳолате эътибор дорад, ки агар дар мачлиси он ҳамаи аъзоён иштирок дошта бошанд. Қарори Раёсат гоҳе қабулшуда ҳисоб мешавад, агар он бо аксарияти овози аъзоёни Раёсат қабул шуда бошад.

8.16. Ба салоҳияти раёсати (раиси) кооператив қабули қарор оид ба фаъолияти кооператив, ки бо ОИННОМАИ кооператив ба салоҳияти истисноии Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив дохил намешаванд, дохил мешавад.

8.17. Раёсати Кооператив маҷлисҳояшро на камтар аз 1 маротиба дар моҳ баргузор мегардад. Дар ҷаласаи Раёсати кооператив Пайнавишти ҷаласаи Раёсати кооператив тартиб дода мешавад, ки он аз ҷониби ҳамаи иштирокчиён имзо мешавад.

8.18. Пайнавишти Маҷлиси умумии аъзоёни кооператив ва Пайнавишти маҷлиси Раёсати кооператив дар бойгонӣ нигоҳ дошта шуда ба ҳамаи аъзоёни кооператив дастрас мебошад.

8.19. Барои татбиқ ва назорати фаъолияти молиявӣ- хоҷагидории Кооператив Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив комиссияи ревизионӣ ва ё ревизорро ба муддати 2 сол ва на камтар аз 3 нафар интихоб менамояд.

8.20. Комиссияи Ревизионӣ (ревизори) кооператив тафтиши ҳолати молиявии кооперативро аз рӯи ҷамъбасти кор барои соли молиявӣ анҷом медиҳад. Комиссияи Ревизионӣ (ревизор) санҷиши фаъолияти моливу хоҷагидории кооперативро бо супориши маҷлиси умумии аъзоён ва ё бо тақозои на камтар аз нӯҳ дарсади аъзоёни кооператив ва ҳамчунин бо ташаббуси худ метавонанд амалӣ намоянд.

8.21. Комиссияи Ревизионӣ (ревизори) кооператив аз натиҷаи санҷиши худ ба маҷлиси умумии аъзоёни кооператив гузориш медиҳад.

8.22. Барои татбиқи санҷиши молиявии кооператив Раёсати кооператив метавонад аудитори беруниро низ даъват намояд. Тафтиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории кооператив аз ҷониби аудити берунӣ бо талаботи на камтар аз 10% аъзоёни кооператив низ анҷом дода мешавад.

9. ҲИСОБДОРӣ ВА ҲИСОБОТ

9.1. Кооператив бояд оид ба фаъолияти худ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот диҳад.

9.2. Ҳисоботи солона ва тавозуни муҳосибавии кооперативро маҷлиси умумии кооператив баъди тафтиши комиссияи ревизионӣ қабул карда ба мақомоти андоз ва омори давлатӣ пешниҳод менамоянд.

10. ТАШКИЛИ МЕХНАТ, ПАРДОХТИ ОН, ҲИФЗ ВА ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ

10.1. Муомилоти меҳнатии аъзоёни кооперативро ОИННОМАИ Кооператив, коргарони кирояро –қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат танзим менамояд.

10.2. Кооператив мустақилона шакл ва низоми пардохти музди меҳнатро ба аъзои кооператив ва коргарони кирояи он муайян менамояд. Андозаи максималии даромади шахсии аъзоёни кооператив ва коргарони кирояи он маҳдуд нест. Барои давраи ҳисоботӣ миқдори кормандони кироя дар кооператив на бештар аз 25 фоизи шумораи аъзоёни кооператив мебошад.

10.3. Кооператив мустақилона барои аъзоёнаш намудҳои масъулияти интизомиро муқаррар менамояд. Муҷозоти интизомӣ метавонанд ба раиси кооператив, аъзоёни раёсати кооператив ва аъзоёни комиссияи ревизионӣ (ревизори) кооператив танҳо бо қарори маҷлиси умумии аъзоёни кооператив таъин карда шаванд.

10.4. Аъзои кооператив, ки дар фаъолияти он иштироки шахсии меҳнатӣ доранд, бо таъминоти иҷтимоӣ дар баробари коргарони кирояи кооператив, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифта мешаванд.

10.5. Шароити меҳнат, вақти корӣ ва истироҳат дар кооператив мувофиқи қонунгузории меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилии кооператив ва шартномаи меҳнатӣ (контракт) муқаррар карда мешавад.

10.6. Кооператив метавонад барои аъзоёнаш имтиёзу афзалиятҳоро барои харидории бенавбати амволи истеҳсолкарда ва хизматрасониҳо (корҳо, хизматрасониҳо), истифодабарӣ аз амволи кооператив, аз кооператив гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ муқаррар намояд.

11. БАРҲАМДИҲӣ ВА ТАҶДИДИ СОХТОРИ КООПЕРАТИВ

11.1. Таҷдиди сохтори Кооператив метавонад бо қарори Маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив татбиқ гардида, мувофиқи кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад.

11.2. Барҳамдиҳии Кооператив дар асоси қарори маҷлиси умумии аъзоёни Кооператив ва ё дар асоси қарори судӣ сурат мегирад.

11.3. Барҳамдиҳии Кооператив сабаби барҳам хӯрдани он бе гузариши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояш ба таври ворисии ҳуқуқӣ ба дигар ашхос ба амал меояд.

11.4. Амволе, ки баъди қонеъ гардидани талаботи ҳамаи кредиторон боқӣ мемонад, дар байни аъзоёни кооператив тақсим карда мешавад.



БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# РӮИХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


- Уин Дэвис «Восемь шагов создания фермерской группы» ACTED
- AGROMISA FOUNDATION «Farmer-controlled economic initiatives»
- Shankariah Chamala and P.M. Shingi «Establishing and strengthening farmer organizations»
- GTZ – ITFSP «Group formation in fruit production»
- Diane Eggert «Step by Step Guide for Establishing a Farmers' Market Association»
- Paul L. Woomer, Musa N. Omare and Eusebius J. Mukhwana «The Operations of Rural Self-Help Groups»
- Ассоциация Агробизнеса Таджикистана (ААТ) - основные шаги создания кооператива
- **„Тарзи ташкили кооперативҳои деҳқонӣ"** Ассотсиатсияи Миллии Хоҷагиҳои Деҳқонии (фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Ассотсиатсияи Миллии Хоҷагиҳои Деҳқонии (фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рудаки 44, Душанбе, 734025, Тоҷикистон

Т: +(992) 372 21 10 33

Эл. почта: union_farm@mail.ru

**Hilfswerk Austria International дар Тоҷикистон**

Телмана 24, Душанбе, 734001 Тоҷикистон

Т: +(992) 372 21 97 40

Эл. почта: aslanov@hilfswerk.tj


БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj